# Конфронси миллӣ

## *Иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаётии иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**12-13 сентябри 2012**

<u>**МУНДАРИҶА**</u>

**МАФҲУМҲО ........................................................................................................ 3**

**РУЙХАТИ КАЛИМАХОИ МУХТАССАРШУДА .................................................................. 3**

**ШАРҲИ МУХТАСАР ........................................................................................................ 4**

**МУҚАДДИМА ................................................................................................................ 7**

**1.ХУЛОСАҲОИ ҶАЛАСАҲО .............................................................................................. 8**

**1.1. ҶАЛАСАИ ИФТИТОҲӢ ................................................................................................ 8**

**1.2. ҶАЛАСАИ МУҚАДДИМАВӢ ........................................................................................ 11**

**1.3. ҶАЛАСАИ ПЛЕНАРИИ I ............................................................................................. 12**

**1.4. ҶАЛАСАИ ПЛЕНАРИИ II ............................................................................................ 13**

**1.5. ҶАЛАСАҲОИ ГУРӮҲҲОИ КОРӢ .................................................................................. 15**

***1.5.1. ГУРӮҲИ КОРИИ 1: ТАҶРИБАИ ПЕШСАФИ МАҚОМОТҲОИ ДАВЛАТИИ МАҲАЛЛӢ ДАР САМТИ ДАСТГИРИИ ЗАНОН АЗ ХОНАВОДАҲОИ МУҲОҶИРОН. .... 16***

***1.5.2. ГУРӮҲИ КОРИИ 2: ПЕШГИРИИ ИСТИСМОР ВА ЗӮРОВАРӢ ДАР ХОНАВОДА НИСБАТИ ЗАНОН АЗ ХОНАВОДАҲОИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ ............................... 18***

***1.5.3. ГУРӮҲИ КОРИИ III: ТАҶРИБАИ ПЕШСАФ ОИДИ ИШТИРОКИ ЗАНОН АЗ ХОНАВОДАҲОИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ ДАР ҲАЁТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДӢ.20***

**1.6. ҶАЛАСАИ ХОТИМАВӢ ................................................................................................ 21**

**ЗАМИМАИ I: РӮЗНОМАИ МАҶЛИС ............................................................................... 23**

**ЗАМИМАИ II. ЛОИХАИ НАКШАИ КОРИИ ИШТИРОКИ ЗАНОН АЗ ХОНАВОДАҲОИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ ДАР ҲАЁТИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН. ........................................................................................................ 27**

## МАФҲУМҲО

| | |
|---|---|
| **Зани таркшуда аз хонаводаи муҳоҷир** | Зани таркшудаи муҳоҷири меҳнатӣ, ки ҳамсараш ӯро тарк кардааст ва кадоме ки аз таи шаш моҳ интиқоли пулӣ нагирифтааст, азҷумла вақте ки зан дар бораи мавзеи будубоши ҳамсараш ягон маълумот надорад ва /ё дар мавриде ӯ бо ҳамсараш таи ин муддат тамос надошта бошад. Ин мафҳум инчунин нисбати занони муҳоҷирони меҳнатӣ, ки вазъи оилавии расмии онҳо тибқи асноди ҳолати шаҳрвандӣ номаълум аст ва ё занҳое, ки дар ҷараёни бекоркунии ақди никоҳ воқеандва ё занҳое, ки воқеан аз тарафи ҳамсаронашон бидуни бекоркунии ақди никоҳ таркшуда, вале «аз ҳамсар ҷудошуда» маҳсуб мешаванд, истифода мешавад. |
| **Зан аз хонаводаи муҳоҷири меҳнатӣ** | Зани муҳоҷири меҳнатӣ, ки ҳамсараш барои дарёфти шуғл муҳоҷират намудааст. Ба истисное ҳолатҳое, ки дар маърӯзаи мазкур дигар ҳолатҳо нишон дода шудааст, ин мафҳум бояд аз мафҳуми зани таркшуда аз хонаводаи муҳоҷир доираи фарохро дар бар мегирад ва нисбати ҳамаи заноне, ҳамсаронашон дар хориҷа ба сифати муҳоҷири меҳнатӣ ҳастанд бояд истифода шавад. |

## РУЙХАТИ КАЛИМАХОИ МУХТАССАРШУДА

| | |
|---|---|
| ТҒД | Ташкилоти Ғайридавлатӣ |
| БДҲҲИ | Бюрои Дафтари Ҳифзи Ҳуқуқи Инсони Созмони Амнияти Ҳамкорӣ дар Аврупо |
| САҲА | Созмони Амнияти Хамкорӣ дар Аврупо |
| ГХР | Гурӯҳҳои худкӯмакрасонии занон аз оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ |
| АТМХТ | Ассотсиасияи Ташкилотҳои Маблағгузории Хурди Тоҷикистон |
| ТБМ | Ташкилоти Байналхалқии Муҳоҷират дар Тоҷикистон |
| БМММОМ | Барномаи Минтақавии Мухоҷирати Меҳнатӣ дар Осиёи Марказӣ |
| СММ-Занон | Муассисаи СММ оид ба баробарҳуқуқии гендерӣ ва тавсеаи ҳуқуқ ва имкониятҳои занон |

**ШАРҲИ МУХТАСАР**

Конфронси миллии «Иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимои юиқтисодии ҶумҳурииТоҷикистон» 12-13 сентябри 2012 сол дар шаҳри Душанбе баргузор гардид. Он аз ҷониби Бюрои Дафтари Ҳифзи Ҳуқуқи Инсон/САҲА дар доираи лоиҳаи САҲА/БДҲҲИ «Иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва СММ-Занон дар доираи Барномаи Минтақавии Муҳоҷирати Меҳнатӣ дар Осиёи Марказӣ[1]ташкил гардид.

Конфронси миллӣ барои дарёфт намудани роҳҳои кӯмак ба занони аз ҷиҳати иқтисодӣ осебпазири хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аз ҷониби мақомотҳои иҷроияи маҳаллӣ амалӣ намудани хизматрасонии босамар дар ин самт равона карда шудаааст. Конфронси миллӣ бо мақсади пешкаш намудани натиҷаҳои Ҳисобот оиди баҳогузории иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳисоботи баҳогузорӣ) ташкил гардида, тадқиқот бо дархости БДҲҲИ, ки таҳлили муосири мушкилоти ин гуна занонро тавассути дурнамои муқоисавӣ дар чор минтақаи ҷуғрофии Тоҷикистон таъмин менамояд, дар бар мегирад. Мақсади ин чорабинӣ инчунин дарёфт намудани мушкилоти мушаххаси занони таркшудаи хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ[2] дар вобастагӣ бо поймолкунии ҳуқуқи занон аз ҷиҳати мансубияти ҷинсӣ, қолабҳои гендерӣ ва ҳуқуқҳои инсон, махсусан ҳуқуқҳои занон гардид.

Дар рафти конфронси миллӣ зиёда аз 65 нафар иштирокчиён аз мақомотҳои давлатӣ ва маҳаллӣ, намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналхалқӣ мушкилоти занони осебпазири хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатиро дар таҷрибаи Тоҷикистон баррасӣ намуданд.

Дар рафти конфронси миллӣ иштирокчиён хулосаҳои Ҳисоботро оиди баҳогузорӣ тасдик намуданд. Дар рафти конфронс иштирокчиён ба се Гурӯҳи Корӣ тақсим шуданд, ки ҳар кадоме аз гуруххо тахти рахбарии намояндаи пешбари мақомоти давлатӣ ё созмони ҷамъиятӣ бо дастгирии аъзоёни САҲА карор дошт.

Ҷаласаҳои Гурӯҳҳои корӣ барои баррасии кушод ва мақсадноки мушкилоти гуногуне, ки дар ҳисоботи баҳогузорӣ зикр гардиданд байни намояндагони мақомотҳои давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ дар ин самт имконият фароҳам овард. Мақсади ин ҷаласаҳо дар асоси хулосаҳои Ҳисоботи баҳогузорӣ ва муҳокима таҳия намудани дастурҳо ва пешниҳодҳо барои амалҳои мушаххаси минбаъда буд. Барои ҳар кадоме аз гурӯҳи корӣ мавзӯи мушаххас барои баррасӣ ва таҳияи тавсияҳои мушаххас таъин гардида буд.

**Ҷамъбасти тавсияҳои дар Конфронси миллӣ қабулгардида**

Як қатор пешниҳодҳову тавсияҳои оид ба расонидани кӯмак ба занони осебпазири хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва беҳтаргардонии вазъияти онҳо аз ҷониби

[1]Дар доираи БМММОМ, «СММ Занон» дар ҳамкорӣ бо ТБМ ва Бонки умумиҷаҳонӣ бо дастгирии молиявии ҳукумати Британияи Кабир чорабиниҳо амалӣ мешаванд.

[2]Хоҳишмандем, ба мафҳуми «зани таркшуда аз хонаводаи муҳоҷири меҳнати»-ро дар фасли мафҳумҳои дар маърӯзаи мазкур истифодашаванда нигаред.

иштирокчиён[3] бо назардошти махсусиятҳои вазъияти занони осебпазир ва кӯдакони хонаводаҳои зикргардида тарҳандозӣ шуданд. Тавсияҳои асосӣ аз рӯи мавзӯъҳое, ки дар гурӯҳҳои корӣ мавриди таҳлил қарор гирифтанд, дар зер оварда шудаанд:

1) *Таҷрибаи пешсафи мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти кӯмакрасонӣ ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ:*
   - Таҳкими ҳифзи ҳуқуқҳои занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷрони меҳнатӣ ва фарзандони онҳо бо диккати махсус ба дастгирии манфиатҳои кӯдак (алиментҳо) ва дастрасии онҳо ба муассисаҳои тиббӣ ва таълимӣ;
   - Баланд бардоштани савияи тахассусӣ ва малакаи занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ бо мақсади сабук намудани дастрасии онҳо ба бозори меҳнат;
   - Дастгирии шуғл ва фаъолияти соҳибкории занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ;
   - Таҳкими ҳифзи иҷтимоии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ;
   - Таъмини дастрасии кофии занони хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ аз хизматрасонии тиббӣ ва равонӣ;
   - Пешниҳоди кӯмаки ройгони ҳуқуқӣ ба занони таркшудаи хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ.

2) *Пешгирии истисмор ва зӯроварӣ (хушунат) нисбати занони хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ:*
   - Баланд бардоштани сатҳи маърифати занони хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ оиди ҳуқуқҳои онҳо тавассути иттиҳодияҳои махсус, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва воситаҳои ахбори умум;
   - Таҳкими иқтидори ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ оиди хизматрасонии равонӣ ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ;
   - Беҳтаргардонии дастрасии иттилоот оиди муҳоҷирати меҳнатии бехатари шаҳрвандони тоҷик ва аъзоёни хонаводаҳои онҳо дар хориҷи кишвар;
   - Такмили низоми ҷамъоварии маълумот оиди муҳоҷират бо назардошти мансубияти ҷинсӣ.

3) *Таҷрибаи пешсаф оиди иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон:*
   - Баланд бардоштани иқтидорҳои мақомотҳои иҷроияи давлатӣ ва қонунгузор оиди масъалаҳои занони хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ;
   - Такмили низоми давлатии кӯмаки молиявӣ барои занони таркшудаи хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ;
   - Васеъ кардани дастрасии занони хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба маълумот дар асоси бюджет тавассути вориднамоии низоми махсуси квотаҳо;
   - Ташкили шароитҳои водоркунандаи молиявӣ ва андозӣ барои занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ бо мақсади оғози фаъолияти тиҷоратӣ.

---

[3]Баъди кушодашавии ҷаласаи конфронс дар се гурӯҳҳои корӣ мусоҳибаҳо хамзамон гузаронида шуд. Маърӯзаи мазкур дар ассоси қайдҳои кормардони БДҲҲИ ва маърӯзачиён, ки дар сессияи умумии хотимавӣ ва аз тарафи гурӯҳҳои корӣ ба муҳокима гузошта шуда буд, тайер гаштааст. Ин маърӯзаҳо ҳамаи тафсилоти дар гурӯҳҳои корӣ шударо нишон намедиҳанд, аммо тасвири умумии кори онҳоро дар бар мегиранд. Тавсияҳои гурӯҳҳои корӣ аз тарафи намояндагони конфронс расман қабул нашуданд ва нуқтаи назари намояндагони мақомотҳои давлатии Тоҷикистон ва САҲА/БДҲҲИ намебошанд.

Хулосабардории конфронс ва дастурҳои ҳисобот оиди баҳогузорӣ барои рушди лоиҳаи Нақшаҳои корӣ оиди кӯмаки бевосита ба занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ заминагузорӣ намуд.[4] Нақшаи мазкур тавсияи мақсадҳо ва амалҳо мебошад, ки аз ҷониби тарафҳои манфиатдори маҳаллӣ (ҳукумат, коршиносон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ) барои дастгирии иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ шуда метавонад. Аксарияти чорабиниҳои пешниҳодшаванда барои татбиқ ба самти фаъолияти мақомотҳои маҳаллии давлатӣ равона карда шудаанд, ки тибки салохият бо масъалаҳои занони хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамарӯза ва бевосита сарукор доранд.

[4] Ба замимаи 2 хамин ҳисобот барои дарёфти матни лоихаи накшаи кори оиди иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ кунед

**МУҚАДДИМА**

Тибқи маълумоти Ташкилоти байналхалқии муҳоҷират (ТБМ) соли 2002 шумораи муҳоҷирони қонунӣ аз Тоҷикистон ба Федератсияи Россия ба 16800 баробар буд. Шумораи воқеии муҳоҷирони ғайриқонунӣ аз ҳисоби шаҳрвандони Тоҷикистон дар он давра зиёда аз 600 000 нафарро ташкил медод.[5] Тибқи маълумотҳои охир ҳарсол ба Федератсияи Россия тақрибан 300 000 – 400 000 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон ба муҳоҷират меоянд.[6]

Муҳоҷирати меҳнатӣ ба мақоми иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ, аъзоёни хонаводаҳои онҳо, ки дар ватан боқӣ мондаанд, махсусан занон таъсири ҷиддӣ мерасонад.Тибқи одат, занон барои нигоҳубини аъзоёни хонавода ӯҳдадоранд, зеро баъди соҳибистиқлол гардидани кишвар, аксарияти занон берун аз ҳудуди хона фаъолият намебаранд. Басифати ҳамсар, занон одатан бо хонаводаи шавҳар зиндагӣ карда, чун сарвари хонавода махсуб намешаванд. Дар қонунгузорӣ муқаррар шудааст, ки онҳо метавонанд сарвари хонавода бошанд ва барои гирифтани маблағҳои интиқолие, ки шавҳаронашон аз муҳоҷират ирсол мекунанд, ҳуқуқ доранд. Заноне, ки ҳамсаронашон ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар кардаанд, дастрасии маҳдудро доранд ва аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ ё ташкилотҳои байналхалқӣ дастгирӣ намеёбанд.

Ғайр аз ин одатан занон аз ҳамсарони худ ягон маълумот ва кӯмаки кофӣ намегиранд. Занони таркшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ[7] минбаъд манбаъҳои алтернативии даромадро ҷустуҷӯ мекунанд, то ки фарзандони худро нигоҳубин намоянд, аз норасоии моводи хӯрока халос хӯранд, аз зӯроварӣ раҳо ёбанд, чунки дар хонавода аз шахсони наздиктарин зӯроварӣ мебинанд ва умуман, аз шароитҳои бади зиндагӣ раҳоӣ ёбанд. Падидаҳои одамфурӯшӣ ва дигар қонуншиканиҳое, ки зидди шаҳрвандони тоҷик дар хориҷи кишвар бо меҳнат машғул буда раво дида мешаванд, барои бадшавии минбаъдаи вазъияти хонаводаҳои онҳо дар Тоҷикистон замина фароҳам меорад.

Тибқи баъзе таҳлилҳо, аз 230 000 то 288 000 хонавода метавонанд ба сифати хонаводаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ осебпазир ва дар сатҳи камбизоатӣ ва аз он ҳам паст мавҷудбуда, маҳсуб шаванд. Зиёдаз 70% ин хонаводаҳо аз занон ва фарзандони онхо иборатанд. Ҳамзамон, танҳо 1% занон аз хонаводаҳои мазкур аз ҷониби ташкилотҳои кӯмаки башардӯстона дастгирӣ диданд.[8]

Барои кумак расонидан дар ҳалли ин мушкилоти Ҳукумати Тоҷикистон, БДҲҲИ дар ҳамкорӣ бо СММ-Занон бахри амалӣ намудани лоиҳаи «Иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» лоиҳаро оғоз намуд. Ин лоиҳа барои мусоидат намудани дарёфти роҳҳои танзимшудаи ҳалли мушкилиҳое, ки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба онхо дучор мешаванд, тавассути баҳогузории вазъият ва ташаккули замина барои барасии онҳо дар сатҳи мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ ва

---

[5] ТБМ, Муҳоҷирати меҳнатӣ дар Осиёи Миёна, Русия, Афғонистон ва Покистон. Женева, Швейсария, 2005.

[6]П. Чоршанбиев, “Кариб 300,000-400,000 мухочирони точик ба Руссия хар сол сафар мекунанд, мегуяд намояндаи FMS,” Asia-Plus, 06/07/2011.

[7]Хоҳишмандем, ба мафҳуми «зани таркшуда аз хонаводаи муҳоҷири меҳнати»-ро дар фасли мафҳумҳои дар маърӯзаи мазкур истифодашаванда нигаред

[8] Ахборот аз “Занхои таркшудаи мухочирони меҳнатӣ“, тадқиқоти ТБМ оиди ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодии занони таркшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва роҳҳои зиндагии онҳо, ТБМ Душанбе, Тоҷикистон, Август 2009.

давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ҳамкорони байналмилалӣ равона карда шудааст.

Баҳогузории мушкилиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки алҳол занони аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дучор мешаваанд, инчунин пешниҳоди замина барои баррасии онҳо дар сатҳи шахсони манфиатдори мақомотҳои маҳаллӣ, миллӣ ва байналмилалӣ тавассути конфронси миллӣ, ҷузъи ҷудонашавандаи лоиҳа маҳсуб мегардад. БДҲҲИ истифодаи ҳисоботи баҳогузории иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳисоботи баҳогузорӣ) –ро дар назар дорад, ки таҳлили муосири ин мушкилоти занонро тавассути дурнамои муқоисавӣ дар чор минтақаи ҷуғрофии Тоҷикистон таъмин менамояд, дарбар мегирад. Таҳлили муосири ин мушкилоти занонро тавассути дурнамои муқоисавӣ дар чор минтақаи ҷуғрофии Тоҷикистон таъмин менамояд, дарбар мегирад. Ҳисоботи баҳогузорӣ таҳлили заминаи мавҷудбудаи қонунгузорӣ ва сиёсии маҳаллиро бо назардошти махсусияти қонунгузории баробарҳуқуқии марду зан, маълумоти оморӣ оиди имкониятҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва дастрасӣ ба хизматрасонии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, алалхусус занони таркшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба сифати гурӯҳи аз ҳама осебпазирро дарбар мегирад.

Конфронси миллии «Иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҳамкорӣ бо БДҲҲИ /САҲА ва СММ-Занон 12-13 сентябри 2012 сол дар шаҳри Душанбе баргузор гардид. Мақсади он барои дарёфт кардани имкониятҳои хизматрасонӣ ба занони мӯҳтоҷ аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва роҳҳои хизматрасонии самараноки мақомотҳои маҳаллии иҷроия равона карда шуд. Хулоса ва дастурҳои ҳисобот оиди баҳогузорӣ дар рафти конфронс пешниҳод гардиданд.

Хулосаҳои дар конфронс бадастомада ва дастурҳои ҳисобот оиди баҳогузорӣ баҳри рушди лоиҳаи Нақшаҳои корӣ дар самти кӯмаки бевосита ба ин гуна занон асос гардид.[9]

## 1.ХУЛОСАҲОИ ҶАЛАСАҲО

### 1.1. Ҷаласаи ифтитоҳӣ

Нотиқони асосӣ ба муҳимияти Конфронс чун минбар барои бар расии ҳисобот оиди баҳогузории иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати махсус доданд. Ҳисоботи баҳогузорӣ таҳлили таҷдидшудаи мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодие, ки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дучор мешаванд, тавассути таҳлили муқоисавии чорминтақаи ҷуғрофии Тоҷикистон ва се гурӯҳи пурсида шуда, ин чунин аз нақшаи заминаҳои қонунгузорӣ, сиёсӣ ва муқаррар гардида бо назардошти диққати махсус ба ҷанбаҳои баробар ҳуқуқии мардону занон иборат аст. Хулоса ва тавсияҳои онро ба се гурӯҳи асосии зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1) Санадҳои қонунгузорӣ ва қарордодҳо;
2) Вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ – воситаҳо барои зист;
3) Вазъияти равонӣ-эҳсосӣ ва зӯроварии гендерӣ;
4) Дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ ва хизматрасонии маҳаллии давлатӣ;

[9] Ба замимаи 2 хамин ҳисобот барои дарёфти матни лоихаи накшаи кории оиди иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаред

5) Баланд бардоштани сатҳи кӯмаки сохторҳои давлатӣ ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва татбиқи ҳуқуқҳои онҳо.

Ҳисобот оиди баҳогузорӣ барои мақомотҳои давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ як қатор дастурҳоро дарбар мегирад, ки мундариҷаи онҳо аз таҳкими иловагии хизматрасонии иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ба занони таркшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ дар такя ба фаъолияти ҷории мақомотҳои давлатӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ барои беҳтар гардонидани вазъият иборат аст.

Конфронс аз маърузаи **ҷаноб Рустам Мирзоев, сармутахассиси Шӯъбаи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** оғоз гардид.Ӯ созмондиҳандагон ва иштирокчиёни чорабиниро пазироӣ карда, қайд намуд, ки масоили вазъияти муҳоҷирони меҳнатӣ ва аҳли хонаводаҳои онҳо яке аз самтҳои афзалиятнокӣ давлатӣ маҳсуб мешавад.

Ҷаноб Мирзоев қайд намуд, ки Стратегияи Миллӣ оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ барои солҳои 2011-2015 як қатор самтҳои афзалиятнокро дарбар мегирад, аз ҷумла таҳкими ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, таҳкими ҳамкорӣ бо ТҒД, ташкилотҳои байналхалқӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғ. Ғайр аз ин, Барномаи Миллии татбиқи сиёсати гендерӣ барои солҳои 2012-2015 чораҳои мусоидат ба шуғл ва худкории занон, аз ҷумла такмили ихтисос ва дастрасии беҳтари онҳо ба машғулиятҳои омузиширо (масалан, омӯзишизабонҳо, малакаи кор бо компутер, омода намудани хӯрок ва ғ.) дарбар мегирад. Ҳукумат инчунин дар самти дастрасии занон ба қарзҳои бефоиз, аз ҷумла ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ амалҳоро пешбин менамояд.

Ғайр аз ин, ҷаноб М. Мирзоев ба иштирокдорон маълумот дод, ки лоиҳаи қонун «Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ», ки дар ҳамкорӣ бо ТБМ таҳия шудааст, дар раванди қабул қарор дорад. Ин қонун ҳифзи пурраи муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар ва аҳли хонаводаи онҳо, ки дар Тоҷикистон сукунат доранд, таъмин менамояд.

Ҷаноб М. Мирзоев изҳори ақида намуд, ки ҳисобот оиди баҳогузорӣ барои ташкили мубоҳиса дар бораи роҳҳои имконпазири мубоҳиса оиди вазъияти занон аз хонаводаҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маводи муфиде хоҳад гардид. Ӯ дар маърӯзаи худ таъкид намуд, ки Ҳукумати Тоҷикистон барои ҳалли мушкилоти занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ бо ташкилотҳои байналхалқӣ ва маҳаллӣ фаъолона ҳамкорӣ менамояд.

Аз унвони дафтари САҲА дар Тоҷикистон **сафир Ивар Викки** ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳамкорон барои ҳамкорӣ бо Дафтари САҲА дар Тоҷикистон изҳори сипос намуд. Ӯ мавқеи САҲА-ро ҳамчун ташкилоти калонтарини минтақавӣ қайд карда, намоиши мухтасари муқарраротҳои онро пешниҳод намуд ва инчунин мавкеи бузурги САҲА/БДҲҲИ-ро дар пешниҳод ва фаъолият дар самти зикршуда таъкид кард. Сафир қайд намуд, ки баррасии масъалаҳои муҳоҷират, алахусус вазъияти занон ва кӯдакони дар мавзеи сукунати доими мондаи муҳоҷирони меҳнатӣ, дар Тоҷикистон мавқеи афзалиятнок доранд.Азбаски тақрибан 1.5 миллион нафар шаҳрвандони тоҷик берун аз марзи кишвар дар муҳоҷирати меҳнатӣ кор мекунанд, интиқолҳои пулӣ қисмати бузург ва муҳими МДУ-ро ташкил диҳад.Ӯ қайд намуд, ки дар асоси баҳогузории дар ВАУ пешниҳод гардида, маблағи интиқолҳои пулӣ минбаъд афзоиш хоҳад ёфт. Сафир Ивар Викки таъкид кард, ки ҳисоботи баҳогузории иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар рафти конфронс пешниҳод мешавад, натиҷаи ҳамкории муштараки САҲА, СММ-Занон ва шарикони маҳаллӣ аст. Дар хотима ӯ ба иштирокчиёни конфронс

мубоҳисаҳои натиҷаовар ва мубодилаи таҷрибаи шахсӣ, фикру андешаҳо ва тавсияҳоро таманно дошт.

**Хонум Натали Тагверкер, ҷонишини сардори Депортаменти демократикунонии БДҲҲИ/САҲА**, таъкид дошт, ки БДҲҲИ барои мусоидат намудан ба ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни хонаводаҳои онҳо, таҳияи сиёсати ҳассоси гендерӣ дар самти муҳоҷират дар мутобиқат бо ӯҳдадориҳои САҲА диққати махсус медиҳад.

Хонум Натали Тагверкер изҳор дошт, ки ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон мафҳумҳои универсалӣ мебошанд ва ба муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни хонаводаҳои онҳо новобаста аз мансубияти ҷинсӣ ва ҷои сукунат бояд дастрас бошанд. Давлатҳо-иштирокчиёни САҲА инчунин ӯҳдадор шудаанд, ки барои татбиқи баробарҳуқуқии гендерӣ, бо роҳи таъмини ҷамъоварӣ ва тадқиқи иттилоот, баҳогузории оқилона, назорат ва беҳтар гардонии вазъияти занон, таҳияи сиёсат дар самти таълим тибқи низомҳои конститутсионии муқаррар гардида, таъмини иштироки занон дар ҳамаи соҳаҳои таълим ва фаъолият ва дастрасии баробар барои гирифтани таълим чораҳо мендешанд.[10]

Ӯ қайд намуд, ки новобаста аз он ки муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ба ҳамсарон, фарзандони худ кӯмаки молиявӣ ва равонӣ мерасонанд, то имрӯз ҳолатҳое ба чашм мерасанд, ки ҳамсарони онҳо умуман бекӯмаки молиявӣ мемонанд, аз дастрасии имкониятҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва хизматрасонии давлатӣ берун мондаанд, ба рӯҳафтодагӣ ва дигар бемориҳо гирифторанд ва даст бахудкушӣ мезананд. Ин ба сар задани падидаҳои беруншавии занони муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҳаёти ҷомеа оварда мерасонад.

Хонум Тагверкер дар хотима умедворӣ изҳор намуд, ки хулосаҳои Ҳисоботи баҳогузорӣ барои баррасии ҷаласаҳои пленарӣ ва корӣ дар рафти конфронс мусоидат хоҳад кард ва оиди конеъгардонии талаботҳои занони таркшудаи муҳоҷирони меҳнати дар сатҳи қонунгузорӣ, сиёсат ва барномаҳои миллӣ дастурҳои мушаххас медиҳад. Дар заминаи ин тавсияхо накшаи амалхо муайян карда мешавад, ки чорабинихоро дар сохаи сиёсати кумаки бевосита ба занони таркшудаи мухочирони мехнати аз чониби макомотхои давлати ва худидоракунии махалли, ки барои бехтаргардонии иштироки онхо дар хаёти ичтимои-иктисодии кишвар равона шудаанд, дар бар мегирад.

**Хонум Вилоят Мирзоева, портфолио менеҷери СММ – Занон** ба бахши ифтитоҳии конфронс ҳусни анҷом бахшида, мавқеи хоссаи СММ-Занонро дар пешбарии баробарҳуқуқии гендерӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои занон дар Тоҷикистон, алалхусус занони таркшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ қайд намуд. Ӯ як қатор номгӯи фаъолияти ташкилоти СММ-Занонро муаррифӣ намуд, ки ӯҳдадории кӯмак ба занони таркшудаи хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, таъмини дастрасӣ ба хизматрасонии иҷтимоӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо дар ҳамаи минтақаҳои кишварро дарбар мегирад. Хонум Вилоят Мирзоева таъкид кард, ки ин конфронс имконияти муҳим барои мубодилаи таҷрибаи пешсаф ва муҳокимаи истифодаи самарабахши натичахои он дар ҳамаи минтақаҳои кишвар хоҳад буд.

[10] Карори Шурои Вазорат оиди пешгири ва катъ кардани зӯроварии занон, Любляна соли 2005 дар сомонаи http://www.osce.org/documents/mcs/2005/12/17433_en.pdf дастрас аст.

## 1.2. Ҷаласаи муқаддимавӣ

Ҷаласаи муқаддимавӣ бо маърӯзаҳои намояндагони Кумитаи давлатӣ оиди кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират давом ёфт. Намояндагони мақомотҳои мазкур оиди фаъолияти муассисаҳои давлатӣ вобаста ба масъалаҳои гендерӣ ва муҳоҷират, алалхусус расонидани кӯмак ба занони таркшудаи хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, санадҳои қонун гузорӣ ва сиёсат дар ин самт иттилоот доданд.

Иштирокчиёни муҳокима оиди вазъияти муҳоҷират дар Тоҷикистон ва таъсири он ба аъзоёни хонаводаи муҳоҷирони меҳнатӣ изҳори ақида карданд. Қайд гардид, ки муҳоҷирати занони тоҷик дар солҳои охир асосан бинобар набудани ҷойҳои корӣ меафзояд (масалан, аз 1 000 000 муҳоҷирони меҳнатии тоҷик, 100 000 нафарашон занон мебошад. Вобаста ба ин қайд гардид, ки таи солҳои охир ҳамкорӣ бо яке аз кишварҳои самти муҳоҷирати шаҳрвандони тоҷик – Федератсияи Россия беҳтар гардид.

Аз ҷониби иштирокчиён эътироф гардид, ки бо сабаби мавҷуд будани милҳои гуногун (аз ҷумла, набудани маълумот ва ғ.) занони муҳоҷир, назар ба мардон, дар вазъияти нисбатан осебпазир қарор мегиранд, баъзе аз онҳо инчунин танҳо ба корҳои мавсимӣ (масалан, дар хоҷагии қишлоқ) ҷалб мешаванд.

Намояндагони Ҳукумат изҳор карданд, ки чораҳои пешгирифта бояд вазъияти муҳоҷирони меҳнатӣ ва занони хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатиро дигаргун созанд. Барномаи миллӣ оиди татбиқи сиёсати гендерӣ барои солҳои 2012-2015 омодакунии тахассусии занонро пешбинӣ менамояд. Ғайр аз ин, ҳукумат низоми квотаҳоро барои занон аз маҳаллҳои деҳот барои гирифтани таълимгирӣ ҷудо намудааст. Кумитаҳои касаба ва ассосиатсияҳои корхонаҳои муассисашон занон – шарикони асосии фаъолият дар самти такмили малакаҳои тахассусии занон ҳисоб мешаванд. Пеш аз ба муҳоҷират сафар кардан омӯзиш ва машварати муҳоҷирони меҳнатӣ барои ҳукумат яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолият маҳсуб мешавад. Инчунин таҷрибаи пешсафи кишварҳои дигар дар самти танзими муҳоҷират, аз ҷумла Кореяи Ҷанубӣ, Қатар, Украина, Филиппин ва Ҳиндустон аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт. Ҳукумат тавассути қабули санадҳои стратегӣ ва барномаҳои ба нақшагирии сиёсат ба монанди Стратегияи миллии муҳоҷирати меҳнатӣ барои солҳои 2011-2015 ва Барномаи дар боло зикршуда, таҳияи лоиҳаи Қонун «Дар бораи муҳоҷират» барои ҳалли мушкилоти муҳоҷирони меҳнатӣ ва аҳли хонаводаи онҳо чораҳоро пеш гирифтааст.

Дар хотима намояндагони мақомотҳои давлатӣ ва дигар иштирокчиён тасдиқ карданд, ки барои Тоҷикистон мушкилот на дар мавҷуд набудани заминаи қонунгузорӣ, балки истифодаи маҳдудкардашудаи он аст.

Яке аз дастурҳои асосӣ дар хотимаи ин ҷаласа таҳияшуда:

- Кумитаи кор бо занон ва оила, аз ҷумла марказҳои иттилоотии бо дастгирии СММ – Занон таъсис дода шуда бояд сохторҳоро шабеҳи маркази хизматрасонии ягона, ки дар он занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ иттилоот дар бораи ҷойҳои кори холӣ дар Тоҷикистон ва берун аз қаламрави он, маводҳои иттилоотӣ оиди муҳоҷират ва ҳуқуқҳои худро гирифта метавонанд, ташкил намоянд.

## 1.3. Ҷаласаи Пленарии I

Ҷаласаи пленарии I ба асосноккунӣ, ҳадафҳо ва натиҷаҳои ба нақша гирифташудаи САҲА/БДҲҲИ тибқи лоиҳа, инчунин методология ва хулосаҳои баҳогузории ҳисобот бахшида шуда, онро **хонум Натали Тагверкер, ҷонишини сардори департаменти демократикунонии САҲА/БДҲҲИ** ифтитоҳ намуд.

**Хонум Датсе Шлентс, мушовири САҲА/БДҲҲИ оиди муҳоҷират ва озодии муҳоҷират** натиҷаҳо, хулосаҳо ва дастурҳоро оиди баҳогузорӣ ва сохтори он, истифодаи методологияи (усулҳои) баҳогузории иборат аз сӯҳбати васеъ бо намояндагони мақомотҳои маҳаллӣ ва давлатӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ, муқоисаи баҳогузории мушкилотҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар чор минтақаи кишвар суханронӣ намуд. Хонум Датсе Шлентс тавсифи мушаххаси соҳаҳои асосии дар таҳқиқ фаро гирифта шуда, аз ҷумла сиёсат, қонунгузорӣ ва муқарраротҳо оиди муҳоҷират ва баробарҳуқуқии марду зан, вазъияти занони муҳоҷир, дастрасии онҳо ба хизматрасонии тиббӣ ва иҷтимоии маҳаллӣ, маърифатнокии занон оиди санадҳои қонунгузории мутобиқ ва ҳуқуқҳои онҳо, масъалаҳои кӯмаки равонӣ-эҳсосӣ, паҳншавии васеи зӯроварии гендерӣ пешниҳод кард. Ӯ суханрониашро бо тавсияҳои асосии дар ҳисобот иҷрошуда ба итмом расонд.

Пас аз пешниҳоди ҳисобот мубоҳиса барои иштирокчиёни конфронс имконияти мубодилаи афкор ва баррасии натиҷаҳои баҳогузорӣ додашуд. Дар мубоҳиса намояндагони мақомотҳои давлатӣ (Агентии ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ, Дастгоҳи Иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти муҳоҷират), мақомотҳои маҳаллии иҷроия (Ҳукумат, ё мақомоти маҳалии давлатӣ, вилояти Суғд), ТҒД ва коршиносони мустақил иштирок намуданд ва кули онҳо оиди мундариҷаи таҳқиқ изҳори ақида намуданд.

Ғайр аз ин, коршинос оиди масъалаҳои гендерӣ хонум Алла Куватова намоиши натиҷаҳоро, ки аз фаъолияти фокус-группаҳои меҳнатӣ бо занони муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳар кадоме аз чор минтақаи кишвар гузаронида шуда дар доираи қисмати илмӣ-тадқиқотии ҳисобот оиди баҳогузорӣ натиҷабардорӣ шудаанд пешниҳод намуд. Ӯ қайд намуд, ки дар ҳар минтақа байни осебпазирии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ тафовутҳо мавҷуданд, инчунин мушкилоти умумиро инъикос намуд, аз ҷумла дастрасии маҳдуд барои хизматрасонии мутобиқи тиббӣ, имкониятҳои бо ҷои кор таъмин шудан, инчунин дастрасии маҳдуд ба хизматрасонии тиббӣ, пайдо намудани чои кор, ва инчунин окибатхои манфии хушунати хонаводаги нисбати занон ва хонаводахои мухочирон.

Иштирокчиён вобаста ба усулҳои баҳогузорӣ ва усулҳои ҷамъоварии иттилоот як қатор саволҳо доданд. Хулосаҳои асосии таҳқиқот дар хотима аз ҷониби иштирокчиён тасдиқ гардиданд. Намояндагони мақомотҳои давлатӣ дар рафти таҳқиқҳои минбаъдаи аз ҷониби ташкилотҳои байналхалқӣ амалишаванда бо муассисаҳои давлатие, ки имконияти дастрасии иттилоотро таъмин мекунанд, ҳамкорӣ намуданро тавсия доданд.

Дастурҳои дар ҷаласаи мазкур таҳия кардашуда:

- Васеъ ва беҳтар намудани ҷамъоварии иттилоот, азҷумла аз рӯи мансубияти ҷинсӣ, масъалаҳои вобаста ба муҳоҷират, созмон додани махзани ягонаи иттилоот, ҳисоботҳо, маълумотҳои оморӣ ва натиҷаҳои фаъолиятҳои вазоратҳо ва мақомотҳои маҳаллии давлатӣ, ки ба он шаҳрвандон бе мамониат дастрасӣ дошта бошанд.

- Мурочиат ба Вазорати ҳифзи саломатӣ бо даъвати иштирок дар конфронсҳои минбаъда, вориднамоии иттилоот дар таҳқиқҳои минбаъда, алалхусус дар соҳаҳои вобаста ба ВНМО/АГНИ ва дастрасӣ ба хизматрасонӣ, муҳокимаи воситаҳои васеъ кардани дастрасии кӯмаки равонӣ дар марказҳои бӯҳронии минтақавӣ ва маҳаллӣ.
- Таҳқиқ тавассути омӯзонидани аз ҳисоби захираҳои донишҷӯёни Донишгоҳи Миллии Тиббӣ барои расонидани хизматрасонии босифати равони ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳолатҳои бӯҳронӣ.
- Ҷалб намудани сарварони динӣ ва Кумитаи давлатӣ оид ба дини назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. ба мубоҳисаҳо оид ба осебпазирии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ. Истифода намудани принсипҳои мавҷудаи роҳбарикунандаи аз ҷониби СММ – Занон таҳиягардида вобаста ба мансубияти ҷинсӣ ва динӣ, ки барои гузаронидани мубоҳисаҳо мусоидат мекунанд.

## 1.4. Ҷаласаи пленарии II

Дар ҷараёни ҷаласаи II намояндагони ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва мақомотҳои маҳаллии давлатӣ фаъолияти худро дар самти дастгирии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ арзёбӣ намуданд ва таҷрибаи пешсафи миллӣ ва таҷрибаи ташкилотҳои байналхалқиро дар расонидани кӯмак ба занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ қайд карданд. Ин ҷаласаи умуми тахти сарварии **хонум ЗаринаУракова, корманди Лоиҳаи СММ-Занон** оғоз гардид.

ТҒД ақида ва таҷрибаи худро оиди масъалаҳои васеъ кардани имкониятҳои иқтисодии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, пешгирӣ намудани таъсири манфии муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои занон ва кӯдакон, алалхусус занон ва кӯдакони гирифтори ВНМО,  мавқеи комиссияҳои махсуси нохиявии аз тарафи Кумитаи кор бо занон ва оила ташкил гардида , зарурати таъмини кӯмаки мутобиқи ҳуқуқӣ, равонӣ ва тиббии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, алалхусус занони таркшуда, инчунин роҳҳои мавчуд будаи ибтикорхои ибтидои барои татбики тачрибаи беҳтарин дар ин самт дар ҳамаи чор минтақаи Тоҷикистон изҳор намуд.

Гурӯҳи мақсадноки маҳаллӣ (ГММ) аз ноҳияи Ҳисор мавқеъ ва фаъолияти гурӯҳҳои мақсадноки маҳаллии дар маҳалҳои алоҳида аз ҷониби Кумитаи кор бо занон ва оила ва дастгирии СММ – Занон созмон дода шударо ба мадди авали муҳокима гузошт.  Аз ҷониби ГММ марказҳои иттилоотие, ки омӯзиш, кӯмаки ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ, ташкили чорабиниҳои иттилоотӣ-маърифатӣ таъмин менамоянд, созмон дода шудаанд. Яке аз мушкили ҳо ГММ ин норасоии иттилоот оиди дастгирии молиявии давлатии занон, аз ҷумла занони таркшудаи хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, дар шакли қарзҳо ва имтиёзҳои андозӣ мебошад.

Намояндаи маркази  бӯҳронии «Гулрухсор» дар шаҳри Хуҷанд ягона маркази бӯҳронии созмондодашуда ва фаъолкунанда дар Тоҷикистон баҳисоб меравад, таъкид намуд, ки сатҳи баланди зӯроварии оилавӣ дар хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ бо набудани ҳисси эҳтиром ва якдигарфаҳмӣ байни аъзоёни хонавода ва надонистани қонунҳо, илова бар ин захираҳои нокифояи молиявӣ сар мезананд. Дар хонаводаҳое, ки дар онҳо модаршӯӣ сарвар аст, вазъият хеле мураккаб аст, зеро аксар вақт қарор оиди бекор кардани никоҳ бо ҳамсарона худи шавҳар, балки модари ӯ қабул мекунад. Ин ҳолат бо занон ҷиҳат вазнин аст, ки занони аз ҷониби шавҳарон-муҳоҷирони меҳнатӣ таркшуда ба зумраи занони никоҳашон бекоршуда

дохил мешаванд, ки дар натиҷа онҳо аз хизматрасонии зарурии кӯмакрасон маҳдуд мешаванд. Маркази бӯҳронӣ дарбораи зарурати беҳтаргардонии кӯмакрасонии равонӣ-иҷтимоии занони таркшудаи аз хонаводаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, алалхусус дар минтақаҳои деҳот изҳори ақида намуд.

Марказҳои иттилоотии занона (МИЗ) бо дастгирии Дафтари САҲА дар Тоҷикистон, ки дастрасиро ба иттилоот оиди қарзҳо, ҳуқуқи занон ва муҳоҷират амали менамояд, қайд намуд, ки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, хоҳ занони таркшуда ё таркнашуда ба МЗЗ нисбат ба мақомотҳои маҳаллӣ барои кӯмак гирифтан зиёдтар муроҷиат менамоянд-аксар вакт танхо оиди мушкилихои худ мусохиба кардан чой дорад. Ин шаҳодати он аст, ки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ аз имконияти дастраси ба қарзҳо ё ибтикорҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар канор мемонанд, аз намоишгоҳҳои ҷойҳои холии корӣ бинобар надоштани маълумот бехабаранд, инчунин бинобар ба акидаи онхо дастнорас ва номутобик будани ибтикорхои зерин.

Асосиатсияи «Занон ва ҷомеа» таҷрибаи ҳуқуқ ва имкониятиҳои иқтисодии занони хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатиро дар доираи лоиҳаи «Ҷалби иҷтимоии хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон» пешниҳод намуд. Асосиатсия нишон дод, ки чи тарз занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ҳуқуқҳо ва имкониятҳои тавассути Гурӯҳҳои худкӯмакрасонӣ (ГХР) васеъ мекунанд. Тавсия дода шуд, ки чунин гурӯҳҳо ва шабакаҳо дарТоҷикистон, инчунин байниТоҷикистон ва кишварҳои ҳамсоя (масалан, Тоҷикистон ва Қирғизистон) ба манфиати занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ бо шумораи бештар созмон дода шаванд. Бо ақидаи иштирокчиён сабаби муваффақшавии ГХР ва аъзоёни он дар ташаккули минбаъдаи онҳо ба кооперативҳо, ҷамъиятҳои масъулияташон маҳдуд, корхонаҳои хурд ва ташкили коргоҳҳои хурд мебошад. Ба ақидаи яке аз маърӯзачиёни қтидори ГХР тавассути зиёд намудани миқдори тренингҳо, семинарҳои машваратӣ ва чорабини ҳо оди омӯзиши таҷриба, бо таъмини кӯмаки техникӣ ва молиявӣ (масалан, бо пешниҳоди таҷҳизоти зарурӣ, маводҳои молиданӣ-сӯзишворӣ, поруҳои минералӣ, қарзҳои имтиёзнок ва қарзҳои фоизнок ва бефоиз), имтиёзҳои андозӣ ва кӯмаки ҳуқуқӣ бояд тақвият дода шавад.

ТҒД «Шаҳрванд» фаъолияти худро муаррифӣ намуд, ки иборат аз расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ ва гузаронидани чорабиниҳои мутобиқ оиди баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ оиди ҳифзи занон ва кӯдакон аст.Қайд гардид, ки занони таркшуда ва фарзандони онҳо бо монеаҳои ҳуқуқии зиёд дучор мешаванд, аз ҷумла:

- Гирифтани маблағ барои нигоҳубини фарзанд ҳангоми бекоркунии ақди никоҳ, гирифтани шаҳодатнома дар бораи таваллуди кӯдакон, эътирофи мансубияти падарии кӯдак, гирифтани санадҳои никоҳи шаҳрвандӣ;
- Харидории қитъаи замин, гирифтани шаҳодатнома дар бораи соҳибмулкии замин, дастрасӣ ба дигар санадҳои мутобиқ;
- Аз манзил берун кардан бе пешниҳоди манзили дигар ва дигар масъалаҳои манзилӣ;
- Тақсимоти амвол байни ҳамсарон баъди бекор кардани ақди никоҳ, ҳуқуқи мерос, эътирофи ҳуқуқии шавҳарони ҳудуди Тоҷикистонро тарккарда ба сифати шахсони бе ному нишон гумгашта;
- Ҳолатҳои зӯроварии ҷинсӣ, расонидан ба ҳолати худкушӣ ва зӯроварӣ дар хонавода;
- Зарурати ҷустуҷуи шавҳарони беномунишонгашта ва дигар хешовандони наздик;
- Гирифтани қарзҳои бефоиз бо мақсади оғоз намудани тиҷорат.

Дар ҷараёни муҳокима оиди дастрасии кӯмаки ҳуқуқӣ аз ҷониби иштирокчиён қайд гардид, ки барои ТҒД омилҳои зиёд монеа пеш меоранд (масалан, захираҳои буджетӣ, иқтидори инсонӣ ва ташкилӣ) ва наметавонад мустакилона зарурати фаъолияти муштаракро байни муассисаҳои давлатӣ, доираҳои илмӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин дастгирии васеи се қисмати муҳоҷирони меҳнатӣ ва хонаводаҳои онҳо дар масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва оқибатҳои он пурра иҷро намояд. Ҳамзамонқайдкардашуд, ки фаъолияти ТҒД бояд минтақаҳои ҷуғрофии васеъро дарбар гирад, ки дар навбати худ шумораи бештари хонаводаҳои муҳоҷирон, алалхусус занони мӯҳтоҷи кӯмаки ин гуна хонаводаҳоро фаро мегирад.

Иштирокчиён инчунин маҳдуд будани захираҳои молияв ии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатиро қайд намуданд. Асосиатсияи Ташкилотҳои Маблағгузории Хурди Тоҷикистон (АТМХТ) изҳори ақида намуд, ки қарзҳои хурд барои некуаҳволии иқтисодии занон (аз ҷумла занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон) дарТоҷикистон мавкеи калиди хоҳанд дошт.

Инчунин хулоса изҳор карда шуд, ки ташкилотҳои қарзии хурд метавонанд аз занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба сифати мизоҷон фоида ба даст оранд, зеро таҷриба нишон медиҳад, ки занон пардохткунандагони боэътимод буда, миқдори қарзҳои пардохтнашудаи онҳо камшумор аст. Ғайр аз ин, дастрасии занон ба қарзҳои хурд талаботро бах изматрасонии молиявии хурд зиёд намуда, дар навбати худ миқдори амалиётҳои қарзии мавҷудбударо афзоиш медихад.

Ҷаласаи пленарии П бо маърӯзаи намояндаи ташкилоти занони тоҷики гирифтори ВНМОанҷом ёфт[11].Занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ки бо ВНМО сироят шудаанд, вазъияти нисбатан осебпазир доранд, бе дастгирии хонавода ва хизматрасонии тиббииз арурӣ мондаанд. Онҳо бинобар мақоми занони таркшуда ва ё гирифтори ВНМО гардидан бо падидаҳои аз ҷониби ҷомеа қабул нашудан дучор мешаванд. Ташкилоти мазкур ба Вазорати ҳифзи саломатӣ тавсия дод, ки дар мубоҳисаҳо ва конфронсҳои бахшида ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ баҳри сабук гардонидани дастрасии онҳо ба хизматрасонии тиббӣ иштирок варзанд.

## 1.5. Ҷаласаҳои гурӯҳҳои корӣ

Баъди ҷаласаи пленарӣ иштирокчиёни конфронс ба се гурӯҳи корӣ бо роҳбарии намояндаи мақомоти давлатӣ ё ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҳамкории аъзоёни САҲА тақсим шуданд. Ҷаласаҳои гурӯҳҳои корӣ ба намояндагони мақомотҳои давлатӣ ва маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ барои муҳокимаи васеъ ва мақсадноки хулосаҳои ҳисоботи баҳогузорӣ имконият фароҳам овард. Мақсади ин ҷаласаҳо дар заминаи хулосаҳои ҳисобот и баҳогузорӣ таҳия намудани тавсияҳои мушаххас барои фаъолияти минбаъда буд.

Ҳар як гурӯҳи корӣ мавзӯи мушаххаси муҳокима ва таҳияи тавсияҳоро дошт:

- Гурӯҳи кории 1: Таҷрибаи пешсафи мақомотҳои давлатии маҳаллӣ дар самти дастгирии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон;

[11] Шабакаи занони сироятшуда бо ВНМО ягона шабакаи миллӣ дар Тоҷикистон мебошад, ки бо занони сироятшуда бо ВНМО кор мекунад. Дар айни хол он 64 намояндаи расмӣ дорад ва мақсади асосии он «баланд бардоштани сатхи зиндагии занони сироятшуда бо ВНМО ва фарзандони онҳо» мебошад. Дар айни замон кормандони ин Шабака кӯмаки иҷтимоӣ – равонӣ, аз он ҷумла маслиҳатҳо ва ташкил кардани гурӯҳҳои дастгирӣ ва дастрас намудани ахборотҳои муфид ба занони сироятшуда бо ВНМО-ро амалӣ гардонида истодаанд.

- Гурӯҳи кории 2: Пешгирии истисмор ва зӯроварӣ зидди занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон;
- Гурӯҳи кории 3: Таҷрибаи пешсафи иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисоди.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки иштирокчиён ба мушкилоти занони таркшуда ва фарзандони муҳоҷирони меҳнатӣ диққати асоси ро зоҳир карданд.Аммо дар баъзе ҳолатҳо тавсия ҳои тарҳрезишуда барои ҳамаи занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ бетафовут мавриди истифода қарор хоҳанд гирифт.

Иштирокчиёни гурӯҳҳои корӣ ба хулосаи умумӣ омаданд, ки ҳарчанд дастгирии мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мавқеи аввалиндараҷаро доро аст, талабот ба санадҳои қонунгузорӣ ва ибтикорҳо ва ташкили иқтидорҳо дар сатҳи давлатӣ низ мавҷуд аст. Ҳамин тариқ, аъзоёни гурӯҳҳои корӣ дар рафти муҳокима як маҷмӯъ чорабиниҳоро дар сатҳи давлатӣ ва маҳаллиро пешниҳод намуданд. Дар натиҷаи муҳокима онҳо аз ӯи якчанд мушкилоте, ки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дучор мешаванд, дар сохахое, ки тибқи фикри онҳо дониш ва таҷрибаи доштаи онон имконият медиҳанд, тавсияҳоро таҳия карданд. Мавзӯоти муҳокима ва дастурҳои аз ҷониби гурӯҳҳои корӣ таҳияшуда дар зер оварда шудаанд:

### *1.5.1. Гурӯҳи кории 1: Таҷрибаи пешсафи мақомотҳои давлатии маҳаллӣ дар самти дастгирии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон.*

Дар гурӯхи кории 1 ба иштирокчиён тибқи таҷрибаи шахсӣ таҳияи чорабиниҳо пешниҳод гардид, ки онҳо барои мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти дастгирии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ амалияи хубе хоҳад буд. Муҳокима доираи васеи мавзӯъҳоро дар самти ҳифзи оила ва ҳуқуқҳои кӯдак, омӯзиш/ такмил додани тахассус ва малакаи занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон, тақвияти ҳифзи иҷтимоии занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, таъмини дастрасии кафолатнок ба хизматрасонии тиббӣ ва равонӣ, расо нидани хизматҳои ройгони ҳуқуқӣ, дастрасии иттилоот оиди хизматрасонии молиявӣ ва имтиёзҳои андозӣ барои занон аз хонаводахои мухочирон бахри ба шугл чалб намудани онхоро дарбар гирифт. Вобаста аз он ки ибтикорҳои пешниҳодгардида ба салоҳияти мақомотҳои давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо дохил мешаванд, баъзе аз онон ба мақомотҳои сатхи давлати сол карда шуданд[12].

**Иштирокчиёнигурӯҳи 1 тавсияҳои зеринро таҳия карданд:**

**1) Тақвият додани ҳифзи ҳуқуқҳои занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва фарзандони онҳо:**

- Дар ҳолати дар қаламрави Тоҷикистон ҳузур надоштани ҳамсар ё ҳамсари собиқ зани таркшуда ва фарзандони ӯ шароити гирифтани дастгирии молиявиро ба андозаи пешина доштьа бошанд.

- Баланд бардоштани маърифати иттилоотии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ оиди ҳуқуқҳои зан, модар ва кӯдак, қонунгузории амалкунанда.

[12] Масалан дар холати дуруст истифода бурдани қонунгузории оила, хусусан дар холатхои талок ва дастгирии фарзанд(алимент).

- Ҷалб намудани пешвоёни динӣ дар шарҳ додани муқаррароти қонунгузорӣ оиди оиладорӣ, волидайн ва занон аз хонаводахои мухочирон.

- Ташкил намудани муассисаҳои томактабӣ бо дастрасии имкониятҳои ройгон ё тахфифшуда ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон. Инчунин ба тарики алтернативи барраси намудани имконияти ташкили хизматрасонии хусусӣ (ғайридавлатӣ) оиди нигоҳубини кӯдакон аз ҷониби волидайн бо дастгирии мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

- Воридсозии ҷубронпулии ҳарсола дар мактабҳо барои фарзандони занони таркшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ бо мақсади пӯшонидани хароҷотҳои китоб ва либоси мактабӣ ҳангоми таҳсил.

**2) Баланд бардоштани тахассуси касби ва малакаи занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ бо мақсади сабук гардонидани дастрасӣ ба бозори меҳнат ва шуғл тавассути:**

- Ташкили имкониятҳо барои занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ барои сабт шудан ба машғулиятҳои омӯзиши касбҳои нав (масалан, дӯхтани либос, қаннодӣ, ороиши мӯй, занбӯрпарварӣ, хоҷагии қишлоқ ва ғ.).

- Барои занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ додани имконияти иштирок дар бозори ҷойҳои холи корӣ.

- Додани иттилоот дар ҷаласаҳои кушод оиди бо ҷойҳои корӣ таъмин кардани занон аз хонаводаҳои муҳоҷир. Бо назардошти он, ки занон ба ин гуна ибтикорҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро дастрасӣ надоранд ё онҳоро мураккаб меҳисобанд, имконияти ташкили бозорҳои ҷойҳои холи корӣ бо иштироки махз занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ , коркарди маъракаҳои иттилоотӣ барои баланд бардоштани маълумотнокии занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣдар ин самт.

**3) Тақвият додани ҳифзи ҳуқуқҳои занон аз хонаовдаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути:**

- Ташкил намудани объектҳои дастгирии занони таркшудаи хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва фарзандони онҳо, ки бе дастгирии молиявии ҳамсар ё ҳамсари собиқ мондаанд, ташкили заминаи иттилоотии қонунгузории иҷтимоӣ ва таъмини кафолати иҷроиши он дар самти ҳифзи иҷтимоӣ.

- Ташкили марказҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар сатҳи минтақавӣ, ки ба занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ хизматрасонии зеринро амалӣ менамоянд.
    - Манзили муваққатӣ барои занони таркшуда ( аз се то 1 сол);
    - Касбомӯзии занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар маҳаллҳо;
    - Хизматрасонии иттилоотӣ барои занони бекор аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ оиди мавҷуд будани ҷойҳои холии корӣ (баъди гирифтани кумакпулии бекорӣ ба ин занон дар марказҳои мазкур ба мӯҳлати то 6 моҳ имконияти зист дода шавад);
    - Ташкили бизнес-марказҳо дар марказҳои ҳифзи иҷтимоӣ.

- Ташкили низоми имтиёзҳои иҷтимоӣ барои занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва кӯдакони онхо, ки имконияти гирифтани идрорпулии бекориро надоранд ва ё бо сабаби мавҷуд набудани сабтҳо оиди ҷои кории пешина ин имкониятро надоранд.

- Таъмини имкониятҳо барои занон аз хонаводахои камбизоат дар самти кам кардани андозаи пардохтҳо барои хизматрасонии коммуналӣ ба таъхир андохтан ё озод намудан аз пардохти онхо.

4) **Ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дастрас намудани кӯмаки тиббӣ ва равонӣ тавассути:**

- Таъмини дастрасӣ ба кӯмаки заминавии ройгони тиббӣ барои занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирон, фарзандони онҳо дар сатҳи маҳаллӣ.

- Таъмини дастрасӣ ба хизматрасонии ройгони равонӣ ва ташкил намудани марказҳои кӯмакрасонии таъҷилӣ (марказхои дастгирии равонӣ) дар минтақаҳои Тоҷикистон.

5) **Пешниҳоди хизматрасонии ҳуқуқӣ ба занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути:**

- Таҳияи қонунгузорӣ оиди пешниҳоди хизматрасонии ройгони ҳуқуқӣ ба занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ.

- Вориднамоии низоми кӯмаки ройгони ҳуқуқии амалӣ, ки дастрасии занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатиро дар минтақаҳои Тоҷикистон таъмин менамояд.

6) **Дастгирии тиҷорат ё соҳибкории мустақилонаи занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути:**

- Воридсозии ислоҳот ба қонунгузории андоз бо мақсади таъмин имтиёзҳои андозӣ ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ки бо тичорат ва соҳибкорӣ машғул шудан хоҳиш доранд.

- Сабук гардонидани дастрасӣ ва истифодаи заминҳои таъиноти хоҷагии қишлоқдошта ба занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ.

- Сабук гардонидани дастрасӣ ба қарзҳои барои хариди манзил ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ.

- Пешниҳоди қарзҳои бефоиз ба мӯҳлати на кам аз 1 сол ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ.

### *1.5.2. Гурӯҳи кории 2: Пешгирии истисмор ва зӯроварӣ дар хонавода нисбати заноназ хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ*

Гурӯҳи кории 2 ба ибтикорҳое, ки дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ дастгирӣ мешаванд ва барои пешгирии истисморвазӯроварӣ дар хонавода нисбати занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ равона шудаанд, диққат дод. Муҳокима ва пешниҳодҳо аз рӯи масъалаҳои зерин чун: чорабиниҳо оиди баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии

занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон, тақвияти иқтидори муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ оиди расонидани кӯмаки равонӣ ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон, пешниҳоди иттилоот оиди муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни хонаводаҳои онхо дар хориҷи кишвар, мукаммалгардонии низоми ҷамъоварии иттилоот оиди муҳоҷират, баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни хонаводаҳои онҳо, алалхусус занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ амалӣ шуданд.

**Иштирокчиёни гурӯҳи кории 2 тавсияҳои зеринро доданд:**

**1) Баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ оиди ҳуқуқҳояшон бо кӯмаки иттиҳодияҳои махсус, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва воситаҳои ахбори умум тавассути:**

- Ташкили гурӯҳҳои худкӯмакрасонӣ (ГХР), ки аз муҳоҷирон, аъзоёни хонаводаи онҳо, кумитаи маҳалла, намояндагони воситаҳои ахбори умум, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва дигарон иборат аст.

**2) Тақвият додани иқтидори ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ оиди расонидани кӯмаки равонӣ ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути:**

- Муқарраргардонии кӯмаки равонӣ ва хизматрасонии иҷтимоӣ ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон, азҷумла воридсозии ихтисоси мутобиқ дар муассисаҳои олии таълимӣ.

**3) Беҳтаргардонии дастрасӣ ба иттилоот оиди муҳоҷирати меҳнатии бехатари шаҳрвандони тоҷик ва аъзоёни хонаводаҳои онҳо дар хориҷи кишвар тавассути:**

- Ташкили хадамоти телефонии боварии Хадамоти муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳоди маълумот ба саволҳои бештар ба мавзӯи муҳоҷирати меҳнатии бехатари шаҳрвандони тоҷик ва аъзоёни хонаводаҳои онҳо дар хориҷи кишвар бахшидашуда.

**4) Такмили низоми ҷамъоварии иттилоот оиди муҳоҷират, аз рӯи мансубияти ҷинсӣ тавассути :**

- Ҷамъоварӣ ва қайди маълумоти оморӣ оиди муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҳисоби воридсозии низоми ягонаи кортҳо хам барои назорати муҳоҷирати меҳнатӣ ва назорати сарҳадӣ, аз рӯи мансубияти ҷинсӣ.[13]

- Аз рӯи маълумотҳои оморӣ муқаррар намудани мақоми зан чун зани таркшуда ё ақди никоҳаш бекоршуда бо мақсади дастрас гардонидани хизматрасонии иҷтимоии кафолатдодашуда.

---

[13] Хулосахои гуруххои кори бо ахборот аз хуччатхои кухнаи Хукумат тасдик шуданд. Масалан, дар чавоби Точикистон ба Кумитаи хифзи хукукхои мухочирони мехнати ва ахли оилаи онхо чунин омада буд «Соли 2010 бо кумаки намояндагии Ташкилоти Байналхалкии Мухочирон, Очонси оиди дастгирии техники ва хамкори (ACTED) ва Ташкилоти Байналхалкии Мехнат дар доираи амали гардонии лоиха, Хукумат ба кайд гирифтани мухочирони мехнатиро дар асоси кортхои байналхалкии бакайдгири, ки аз тарафи шахрвандон хангоми хорич ва ворид шудан, пур карда мешаванд, огоз намуд. Хукумат боз накша дорад бо кумаки намояндагии ТБМ, солхои 2012-2013 ба кортхои мухочири нававари дарорад, то ки чараени мухочири дар давлат равшантар гардад »Сарчашма: “Посуххои хатии Точикистон”, Кумитаи хифзи хукуки тамоми мухочирони мехнат ва аъзои оилаи онхо, шурои Шонздахум 16-27 апрели 2012. Номгуи муаммохо (CMW/C/TJK/Q/1), ки бояд дар маърузаи аваллини Точикистон (CMW/C/TJK/1) ба назар гирифта шаванд, баррасии маърузахои Тарафхо мувофики конвенсияи 73, сахифаи 2.

**5) Тақвият додан ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоени хонаводаҳои онҳо, алалхусус занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон тавассути:**

- Ташкили заминаи пурраи қонунгузорӣ, ки ташкили фонди ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатиро дар бар мегирад ва мақсади таъмини иҷтимоии онҳоро фаро мегирад.[14]

- Ташкили шабакаи ҳамкорӣ бо иштироки иттиходияҳои миллӣ, иттиҳодияи шаҳрвандони Тоҷикистон ва ташкилотҳои ғайридавлатии дар ин самт фаъолияткунанда дар Федератсияи Россия. Дар марҳилаи минбаъда – ташкили ин гуна шабакаҳо бо дигар икшварҳое, ки дар он ҷо шумораи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ва аъзоёни хонаводаҳои онҳо зиёд аст.

- Ташкили паноҳгоҳҳо барои занони муҳоҷир ваа фарзандони онҳо бо дастгирии мақомотҳои давлатӣ ва ҳокимияти худидоракунии маҳаллӣ.

- Ташкили заминаи ҳуқуқӣ барои пешгирӣ ва мубориза бо напардохтани пардохти нигоҳубини кӯдак аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатӣ, дар ҳолатҳое, ки ҳамсарон (собиқ ҳамсарон) дар хориҷа сукунат дошта бошанд.

- Қабули Қонун «Оиди пешгирӣ ва ҳифз аз зӯроварӣ дар хонавода».

***1.5.3. Гурӯҳи кории III: Таҷрибаи пешсаф оиди иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ.***

Гурӯҳи кории 3 оиди иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва таҷрибаи пешсаф дар ин самт муҳокимаро амалӣ намуд. Муҳокимаҳо ва тавсияҳо оид ба масъалаҳои зерин: зиёд кардани иқтидори ҳокимияти иҷроияи давлатӣ ва қонунгузорӣ, беҳтаргардонии ҳифзи ҳуқуқҳои занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон, ташкили имтиёзҳои молиявӣ ва андозӣ ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон.

**Иштирокчиёни гурӯҳи кории 3 тавсия доданд:**

**1) Созмондиҳии иқтидорҳои мақомоти иҷроияи давлатӣ ва қонунгузорӣ дар масъалаҳои занон аз хонаводаҳои муҳоҷир тавассути:**

- Ташкили шӯрои машваратӣ оиди масъалаҳои ҳифзи занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ (азҷумла занони таркшуда) дар доираи парламент ва Кумитаи давлатии кор бо занон ва оила.

- Воридсозии механизмҳои муайянкунии шумораи занони таркшудаи бо кор машғули хонаводаҳои муҳоҷирон ба фаъолияти Агентии давлатии омор оиди шугл.

**2) Такмили низоми дастгирии молиявии занони таркшудаи хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути:**

- Таъмини ҳифзи кафолатдодашудаи судии занон-ҳамсарони муҳоҷирони меҳнатӣ, ки вазъияти оилавии номуайян доранд ва дар рафти бекор кардани

[14] Бояд кайд кард, ки дар лоихаи конун «Оиди Мухочирати Мехнати» таххими фонди кумак ба мухочирони мехнати ишора карда шудааст.

акди никоҳ истодаанд, ё чун акди никоҳашон бекоршуда сабт гардида, дар асл занони таркшуда мебошанд бо мақсади таъмини молиявии онҳо.

**3) Васеъ кардани дастрасии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба таълими буҷетӣ тавассути ворид сохтани низоми махсуси квотаҳо.**

**4) Ташкили имтиёзҳои молиявӣ ва андозӣ барои занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ барои оғоз намудани тиҷорат тавассути:**

- Воридсозӣ ба барномаҳои мавҷуд будаи қарзҳои хурд, қарзҳои хурди мушаххас барои занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ бо мақсади оғоз намудани тиҷорат.

Гурӯҳи кории мазкур як маҷмӯъ тавсия ҳои алоҳидаро, ки барои ташкилотҳои байналхалқӣ, ташкилотҳои ғайридавлатии байналхалқӣ ва маҳаллӣ равона шудаанд ва аз муқаррароти зерин иборатбударо таҳия намуд:

- Дастгирии карздиҳии хурд барои аҳолии камбизоат (боназардошти, масалан, таҷрибаи фаъолияти *Grameen Foundation* [15]дар Бангладеш, Индонезия ва дигар кишварҳо).
- Васеъ кардани барномаи қарздиҳӣ ба хонаводаҳои муҳоҷирон, аз ҷумла қарзҳо барои сохтмон ва таъмири манзил.
- Ташкили маъракаи васеъ оиди иттилоъ додани аҳолӣ оиди масъалаҳои барои занони аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ муҳим (аз ҷумла, истифодаи буклетҳо ва дигар маводҳо иттилоотӣ).
- Гузаронидани озмунҳо байни занони бо кор машғулбуда аз хонаводаҳои муҳоҷирон, гурӯҳҳои худкӯмакрасонӣ ё корхонаҳое, ки аз ҷониби занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ созмон дода шудаанд ва бо пешниҳод имконияти иштироки ғолибшудагон дар намоишгоҳҳо ва бозорҳои тиҷоратии байналхалқӣ.[16]

## 1.6. Ҷаласаи хотимавӣ

Дар суханронии хотимавии худ **хонум Натали Тагверкер** ба иштирокчиён барои пешниҳодҳои мушаххас ва саҳми онҳо дар муҳокимаҳо сипосгузорӣ намуд ва изҳор кард, ки конфронс майдони муҳокимаи ҳамаҷониба, ҳамкорӣ ва мубодилаи таҷрибаи байни муассисаҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ гардид. Ӯ муҳим будани тавсия ҳои аз ҷониби иштирокчиён таҳиягардидаро барои чорабиниҳои минбаъда таъкид намуд.

Хонум Натали Тагверкер ба иштирокчиён маълумот дод, ки натиҷаи конфронс ин ҳисобот бо дастурҳо, барномаи амалҳои мусоид барои татбиқи тавсияҳои асосӣ гардид, ки дар байни иштирокчиёни конфронс, мақомотҳои давлатӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ пахн карда мешаванд. Ӯ қайд намуд, ки САҲА дар самти сиёсати амалхои эхтимолии ичрошаванда ба машварат додан ва инчунин барои баррасии лоиҳаҳои қонунҳо оиди муҳоҷират, ҳифзи гендерӣ ва иҷтимоӣ бахри сабук

---

[15] Бонки Грамини - ташкилоти карзии хурд ва тараккиети чомеъа аст, ки дар Бангладеш ташкил шуда, баъдан фаъолияти худро дар як катор давлатхо васеъ намуд.

[16] Тачрибаи мазкур нишон медихад, ки иштирокчиен ва голибони озмун умуман бурд мекунанд, барои он ки чунин чорабини барои махсулоти онхо бозори хоричи ва Точикистонро мекушояд. Масалан варакаи "Региональная программа по миграции Центральной Азии и России-новости, август 2012", МОМ, ООН Женщины, UKAid, дар http://www.fprk.kz/ckfinder/userfiles/files/Brief%20August%202012.pdf (охирин маротиба санаи 23.10.2012 тафтиш шуда буд), p.11. ё “Выставка ремесленных изделий, ОАЭ, Дубай, 2009 г” (http://www.nabwt.tj/sohsa/inter-exh-dubai.html (охирин маротиба санаи 23.10.2012 тафтиш шуда буд).

гардонидани қабули қарорҳо тибқи ӯҳдадориҳои САҲА ва стандартҳои байнамилалӣ омодааст.

Дар охир ӯ СММ-Занонро барои ҳамкорӣ дар рафти татбиқи лоиҳаи «Иштироки иҷтимоӣ ва иқтисодии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон» ва ташкили конфронси миллӣ изҳори миннатдорӣ намуд.

**Хонум Вилоят Мирзоева** аз номи СММ-Занон ба иштирокчиён барои муҳокимаҳои чуқур ва мақсадноки дар рафти конфронс баргузоргардида, барои майл ва муҳити аълои корӣ сипосгузорӣ кард. Ӯ оиди зарурати пешниҳоди кӯмакҳои гуногун ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо сухан кард. Ӯ қайд кард, ки новобаста аз мушкилиҳои зиёде, ки ба дӯши занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ афтодааст, ин зумра занон дар зиндагӣ фаъол ва рӯҳбаланд мемонанд. Ӯ ба БДҲҲИ / САҲА барои ҳамкорӣ дар татбики лоиҳа сипосгузорӣ намуд.

## Замимаи I: Рӯзномаи маҷлис

OSCE ODIHR Office for Democratic Institutions and Human Rights

UN WOMEN United Nations Entity for Gender Equality and the Empowerment of Women

# Иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## КонфронсиМиллӣ

12-13 сентябри 2012 сол

Душанбе, маҳалливохӯрӣ: МеҳмонхонаиҲайатРеҷенсиТоҷикистон

| **Вақт** | **Чоршанбе,12 сентябри 2012 сол** |
|---|---|
| 8:45 – 09:15 | Бақайдгирӣ |
| 10:00 | Ифтитоҳ:<br>• Мирзоев Рустам Мирзоевич, Сармутахассиси шӯъбаи ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,<br>• Сафир Дафтари САҲА дар Тоҷикистон Ивар Викки,<br>• Наталия Тагверкер-ҷонишини роҳбари шӯъбаи демократикунонии САҲА/БДҲҲИ,<br>• Вилоят Мирзоева- портфолио менеҷери СММ-Занон дар Тоҷикистон<br><br>**Ҷаласаи воридотӣ: Кӯшиши Тоҷикистон дар самти дастгирии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон.**<br><br>• Бобоев Анвар Абдуллоевич, ҷонишини якуми Сардори Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,<br>• Алимова Марҳабо Латиповна, намояндаи Раиси Кумитаи давлатии кор бо занон ва оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон,<br>• Нурулло Маҳмадуллоев сарвари Агентии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират<br><br>**Танзимгар:** Вилоят Мирзоева портфолио менеҷери СММ-Занон дар Тоҷикистон<br>*Ин ҷаласа ба мақомотҳои давлати Тоҷикистон имконияти муайян кардани самти кор дар масъалаҳои вобаста ба муҳоҷират, аз ҷумла кӯмак ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ фароҳам меорад.* |
| 11:15 | |

| | |
|---|---|
| | Танаффус барои қаҳванӯшӣ |
| 11:30 | **Ҷаласаи пленарии 1**<br><br>**Қисмати якум: Пешниҳоди лоиҳаи САҲА/БДҲҲИоиди иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳисобот оиди баҳогузории вазъият.**<br><br>• Датсе Шлентс, МушовиримуҳоҷиратСАҲА/БДҲҲИ<br><br>**Қисмати 2 Муҳокимаи маълумоти аз ҳисобот дастрасгардида. С ва Ҷ.**<br><br>• Мирзоев РустамМирзоевич Сармутахассиси шӯъбаи ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶумҳурииТоҷикистон<br>• Бобоев АнварАбдуллоевич, Чонишини якуми Сардори Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>• Раъно Бобоҷонова, ҷонишини роҳбари ҳукумати вилояти Суғд<br>• Алла Куватова, коршинос оиди масъалаҳои гендерӣ,<br>• Бобосодиқова Гулчаҳон Бобоевна, ҷонишини роҳбари Коалитсияи ташкилоти ғайридавлатии «Аз баробарии ҳуқуқӣ то баробарии воқеӣ»,<br>• Ҷамила Қурбонова, зан-намоянда аз хонаводаи мухочир,<br><br>**Танзимгар:** Наталя Тагверкер, ҷонишини шӯъбаи демократикунонӣ БДҲҲИ.<br><br>*Қисмати аввали ин ҷаласа барои асоноккуни, пешниҳоди мақсадҳо ва натиҷаҳои банақшагирифташудаи лоиҳаи САҲА/БДҲҲИ, инчунин усулҳо истифодабарии иттилоот дар ин қисмати таҳқиқии лоиҳа истифода хоҳад шуд.* |
| 13:00 | Танаффус барои хӯроки нисфирӯзӣ |
| 14:00 | **Ҷаласаи пленарии 2: Тачрибаҳои пешсафи дастгирии занон аз хонаводаҳои муҳоҷир**<br><br>• Хайриниссо Раҷабова, намояндаи Гурӯҳи мақсадноки маҳаллӣ аз ноҳияи Ҳисор<br>• Муяссара Бобохонова, Ассосиатсияи «Занон ва ҷомеа», Хуҷанд (таквияти иқтисодии занон-аъзоёни хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ – таҷриба ва омӯзиш)<br>• Додарбек Сайдалиев, Ташкилоти ғайридавлатии «Шаҳрванд»<br>• Малика Мирзобаҳодурова, Маркази бӯҳронии «Гулрухсор», Хуҷанд (пешгирии таъсири манфии муҳоҷирати мехнати)<br>• Қурбонгул Қосимова, Ташкилоти ғайридавлатии «Наҷоти кӯдакон», Маркази захиравии занон<br>• Тахмина Ҳайдарова, Ташкилоти занони сироятшудаи ВНМО дар Тоҷикистон<br>• Натали Кригер Мушовири Ассосиатсияи ташкилотҳои молиявии Тоҷикистон |

| | |
|---|---|
| | **Танзимгар:** Зарина Ёракова, корманди Барномаи СММ-Занон.<br><br>*Тавассути муҳокимаи умумӣ ҷаласаи 2 фаъолияти ташкилотҳои миллӣ ва байналхалқиро дар самти расонидани кӯмак ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ бо мақсади дарёфт намудани таҷрибаи пешсафи фаъолият мавриди баррасӣ қарор медиҳад.* |
| 15:30 | Танаффус барои қаҳванӯшӣ |
| 15:45 | **Ҷаласаҳои гурӯҳҳои корӣ: Роҳи ҳаллимушкилотҳое, ки азтарафи баҳогузории иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ муайянкардашудаанд.**<br><br>ГК 1:Мушкилотҳои мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ дар самти дастгирии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ (Танзимгар: Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон). ·<br><br>ГК 2:Мушкилотҳо бахри пешгирии таъсири манфиии чтимоии муҳоҷирати меҳнатӣ ва зӯроварӣ зидди занон ва кӯдакон (Танзимгар: Кумитаи давлатии кор бо занон ва оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон).<br><br>ГК 3:Мушкилотҳо оиди иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ (Танзимгар: Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон).<br><br>*Ҷаласаҳои гурӯхи корӣ ба мақомотҳои давлатии маҳаллӣ ва миллӣ, намояндагони ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва байналхалқӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ имконияти муҳокимаи кушод ва мақсадноки маълумоти гуногуни дар маърӯза оиди баҳогузориро медиҳад.* |
| 17:15 | **Хулосаирӯзиаввалваиқдомҳоиминбаъда** |

| Вақт | Панҷшанбе, 13 сентябри 2012 сол |
|---|---|
| 9:00 | **Ҷаласаи гурӯҳи корӣ: Таҷрибаҳои пешсаф ва имкониятҳои такроркунӣ.**<br><br>ГК 1:Таҷрибаҳои пешсафи мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти дастгирии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ (Танзимгар: Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон). ·<br>ГК 2: Пешгирии таъсири манфии иҷтимоии муҳоҷирати меҳнатӣ ва зӯроварӣ зидди занон ва кӯдакон (Танзимгар: Кумитаи давлатии кор бо занон ва оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон).<br>ГК 3: Таҷрибаҳои пешсаф оиди иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ (Танзимгар: Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон).<br><br>*Ҷаласаҳои гурӯхи корӣ ба мақомотҳои давлатии маҳаллӣ ва миллӣ, намояндагони ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва байналхалқӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ имконияти муҳокимаи кушод ва мақсадноки таҷрибаҳоипешсафро дар самти дастгирии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирро медиҳад.* |
| 10:30 | Танаффус барои қаҳва |
| 10:45 | **Ҷаласаи пленарии 3: Пешниҳоди хулосаҳои гурӯҳҳои корӣ. Муҳокимаи умумӣ.** |

| | |
|---|---|
| | ГК 1: Таҷрибаҳои пешсафи мақомотҳои маҳаллии хокимияти давлатӣ дар самти дастгирии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ (Танзимгар: Хадамоти муҳоҷирати назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон). ·<br>ГК 2: Пешгирии истисмор ва зӯроварӣ зидди занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ (Танзимгар: Кумитаи давлатии кор бо занон ва оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон).<br>ГК 3: Таҷрибаҳои пешсаф оиди иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ (Танзимгар:ВазоратимеҳнатваҳифзииҷтимоииҶумҳурииТоҷикистон)<br><br>**Танзимгар:** Наталия Тагверкер, ҷонишини роҳбари шӯъбаи демократикунонии БДҲҲИ.<br><br>*Бо муҳокимаи умумӣ ва гурӯҳӣ Ҷаласаи пленарии 2 баҳри бардоштани хулосаҳои гурӯҳҳои корӣ истифода шуда, имконияти муҳокимаи минбаъдаи онҳоро фароҳам меорад.* |
| 12:15 | **Ҷаласаи пленарии 4: Самтандозӣ: Беҳтарнамудани вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон.**<br><br>Танзимгар: Вилоят Мирзоева Менеҷери портфолио.<br><br>*Ҷаласаи 4 барои додани тавсияҳои мушаххас оиди қонеъ гардонидании талаботҳои занон аз хонаводаҳои муҳоҷир тавассути барномаҳои миллӣ оиди муҳоҷират ва шугл, аз ҷумла Стратегияи Миллии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 ва Барномаи миллии шугл ва таълими касбии занон, барномаҳои маҳаллии амалишаванда замина фароҳам меорад. Тавсияҳо ба мақомотҳои маҳалли ҳокимияти давлатӣ, намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ ирсол карда мешаванд.* |
| 13:15 | **Хотимаи Ҷаласа: Эзоҳҳои хотимавӣ ва накшаҳои минбаъда**<br><br>• Наталия Тагверкер, Ҷонишини шӯъбаи демократикунонии САҲА/БДҲҲИ. |
| 13:30 | *Хӯроки нисфирӯзӣ* |

## Замимаи II

# Лоихаи накшаи кории иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### I. Муқаддима

Нақшаи мазкур оиди иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҶумҳурииТоҷикистон (минбаъддарматн – Нақшаикорӣ) моҳияти роҳбарикунанда дошта, барои инкишофи доираҳои ҳуқуқии муҳоҷират тибқи меъёрҳои ҳуқуқи инсон ва баробарҳуқуқии гендерӣ мусоидат мекунад ва инчунин пешниҳодҳоро оиди ибтикорҳо барои муҳокимаи тарафҳои манфиатдор (ҳукумат, коршиносон, ҷомеаи шаҳрвандӣ) баҳри дастгирии иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон (аз ҷумла занони таркшуда) дар Тоҷикистон пешкаш менамояд. Нақшаи корӣ як қатор чорабиниҳои татбиқшавандаро барои иҷрои ин ҳадаф дарбар мегирад. Аксарияти чораҳои пешниҳодгардида ба мақомотҳои худидоракунии маҳаллӣ равона гардидаанд, зеро онҳо бевосита ва ҳамарӯза бо занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ фаъолият мебаранд.

### II. Ҳадафҳои Нақшаи корӣ

Ҳадафи Нақшаи корӣ – мусоидат намудани иштироки занон аз хонаводаҳо имуҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тавсияҳои дар Конфронси Миллӣ оиди иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тахиягардида мебошад. Накшаи кори амалигардонии ду хадафи асосии стратегии дар зер овардашударо дар бар мегирад:

1) **Васеъкунии ваколатҳои занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон.**
   Ин ҳадаф аз ду қисмати асосӣ иборат аст:
   - Ташкил/беҳтаргардонии тахассуси касбӣ ва малакаи занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ баҳри дастрасии онҳо ба бозори меҳнат ва шуғл:
   - Таъмини кӯмаки озоди ҳуқуқӣ, равонӣ, тиббӣ ва ҳифз аз зӯроварӣ аз рӯи мансубияти ҷинсии занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ .

2) **Баланд бардоштани маърифат ва сатҳи таълим**
Ин ҳадаф аз ду қисмати асосӣ иборат аст:
   - Ташкили маъракаҳои иттилоотӣ ва маърифатӣ дар байни занони таркшудаи хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнат оиди дастрасии таъминоти иҷтимоӣ, шуғл, қарздиҳии хурд ва дигар намудҳои кӯмак;
   - Таквияти иктидори муассисаҳои давлатӣ, судҳо ва ҳокимият дар самти ҳифзи ҳуқуққлои занони таркшудаи хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ.

### III. Сохтори Нақшаи корӣ

Ин қисмати Нақшаи корӣ (ҷадвал) маълумоти зеринро дарбар мегирад:

1) Ҳадафҳои Нақшаи корӣ
2) Чорабиниҳо ва зерчорабиниҳо барои ноил шудан ба хадафхо равонашуда

3) Муассисаҳои асосии давлатӣва ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон[17], кибароитатбиқиНақшамасъулandёмасъулиятимуштаракмебаранд.
4) Натиҷаҳои пешбинишуда.
5) Нишондихандаҳо

### IV. Мафҳумҳои дар нақша истифодашуда

| | |
|---|---|
| **Зани таркшуда аз хонаводаи муҳоҷир** | Зани таркшудаи муҳоҷири меҳнатӣ, ки ҳамсараш ӯро тарк кардааст ва кадоме ки аз таи шаш моҳ интиқоли пулӣ нагирифтааст, азҷумла вақте ки зан дар бораи мавзеи будубоши ҳамсараш ягон маълумот надорад ва /ё дар мавриде ӯ бо ҳамсараш таи ин муддат тамос надошта бошад. Ин мафҳум инчунин нисбати занони муҳоҷирони меҳнатӣ, ки вазъи оилавии расмии онҳо тибқи асноди ҳолати шаҳрвандӣ номаълум аст ва ё занҳое, ки дар ҷараёни бекоркунии ақди никоҳ воқеанд ва ё занҳое, ки воқеан аз тарафи ҳамсаронашон бидуни бекоркунии ақди никоҳ таркшуда, вале «аз ҳамсар ҷудошуда» маҳсуб мешаванд, истифода мешавад. |
| **Зан аз хонаводаи муҳоҷири меҳнатӣ** | Зани муҳоҷири меҳнатӣ, ки ҳамсараш барои дарёфти шуғл муҳоҷират намудааст. Ба истисное ҳолатҳое, ки дар маърӯзаи мазкур дигар ҳолатҳо нишон дода шудааст, ин мафҳум бояд аз мафҳуми зани таркшуда аз хонаводаи муҳоҷир доираи фарохро дар бар мегирад ва нисбати ҳамаи заноне, ҳамсаронашон дар хориҷа ба сифати муҳоҷири меҳнатӣ ҳастанд бояд истифода шавад. |

### V. Калимаҳои ихтисоршудаи дар Нақшаи корӣ истифодашуда:

| | |
|---|---|
| ДТИХДҶТ | Донишкадаи такмили ихтисоси хидматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВҲИША | Вазорати ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ |
| ВКХ | Вазорати Корхои Хориҷӣ |
| ВХҚ | Вазорати Хоҷагии Қишлоқ |
| ВМА | Вазорати Маориф |
| ВМ | Вазорати Молия |
| ВТ | Вазорати Тандурустӣ |
| КДКЗО | Кумитаи давлатии кор бо занон ва оилаиҶумҳурииТоҷикистон |
| ВА | Вазорати Адлия |
| ХМ | Хадамоти мухоҷират дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Омбудсмен | Намоянда оиди ҳифзи ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ГММ | Гурӯҳи мақсадноки маҳаллӣ |
| ГХР | Гурӯҳҳои худкӯмакрасони занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ |

[17] Руйхати муассисахои масъул пурра набуда, факат тавсия мебошад.

**Замимаи I**

## Нақшаи корӣ оиди иштироки занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҶумҳурииТоҷикистон

| No. | Амалҳо | Чорабиниҳо | Мақомоти масъул | Мақомотҳои масъули дигар | Натиҷаҳои пешбинишуда | Нишондиҳандаҳо (Бо тақсимот аз рӯ ҷинс, синну сол ва вазъи иҷтимоию иқтисодӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **ҲАДАФИ СТРАТЕГИИ 1: ВАСЕЪКУНИИ ВАКОЛАТҲОИ ЗАНОН АЗ ХОНАВОДАҲОИ МУҲОҶИРОН** | | | | | |
| | **Ҳадафи муайянкардашуда: 1.1. Ташкил/беҳтаргардонии тахассуси касбӣ ва малакаи занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ баҳри дастрасии онҳо ба бозори меҳнат ва шуғл** | | | | | |
| 1.1.1. | Паҳн намудани иттилоот ва эълон намудани бозорҳои ташкилшудаи ҷойҳои холии корӣ аз тарафи ВҲИША ва дастрасии онҳо ба занони аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар маҳалҳо. | | Мақомотҳои маҳаллӣ | ВҲИША | Шабакаҳои маҳалии иттилоотӣ (радио, телевизион, эълонҳо, мулоқотҳои доимӣ бо аҳолӣ ва ғ.) барои ба занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ расонидани маълумот оиди бозорҳои ҷойҳои холии корӣ ва шуғл васеъ истифода мешаванд. | - шумораи занони хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ оиди имкониятҳои пайдошуда маълумот доранд:<br><br>-омодакунӣ ва паҳннамоии маводҳои иттилоотӣ дар байни занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ<br><br>- шумораи занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ки ба ин бозорҳои ҷойҳои холии корӣ ташриф меоранд ва барои ишголи ҷойи кор ариза додаанд, зиёдмешаванд<br><br>- ҳаддиақал 80 нафар занон ба |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | ин бозорҳои ҷойҳои холии корӣ ташриф меоварданд<br><br>- ҳаддиақал 20 нафар зан дар ин бозор ба ҷойҳои кории холӣ ариза месупоранд[18] |
| 1.1.2. | Ташкили машғулиятҳои кӯтоҳмуддати касбӣ бо мақсади омӯзиши малакаҳои касбӣ/ ё тахассус ба занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ | | ВМА | КДКЗО ВҲИША | Тахассуси касбӣ/ ё малакаи занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба талаботҳои бозори меҳнати амалкунанда ҷавобгӯ аст ё имконияти соҳибкорӣ пайдо мешавад. | -шумораи номзадҳои муқарраршуда ба машғулиятҳо<br><br>-намудҳои малакаи амалӣ ва тахассуси касбие, ки занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ тавассути машғулиятҳо гирифта метавонанд.<br><br>-шумораи иштирокчиёни машғулиятҳо<br><br>-шумораи машғулиятҳои ташкилгардида барои занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ<br><br>-шумораи занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон, ки баъди итмоми машғулиятҳо бо кор машғуланд ё соҳиби кори шахсӣ гардиданд |
| 1.1.2.а | | Ташкили баҳогузории инфиродии занони хонаводаҳои муҳоҷиронро, ки барои дохил шудан ба машғулиятҳои касбомӯзӣ номзад мебошанд, бо | ВМА | ВҲИША КДКЗО | Малака ва тахассуси номзадҳо- занон ва талаботҳои онҳо муқаррар шуданд | -шумораи номзадҳои баҳогузоришуда ба машғулиятҳои касбомуӯзӣ |

[18] Қайд: Нишондиҳанда мутобиқи шумораи аслии ҷойҳои кории холӣ дар бозори ҷойҳои кории холӣ гузошта мешавад.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | мақсади муайян кардани талаботҳо ва сатҳи малакаи онҳо. | | | | |
| 1.1.2.b | | Дар асоси талабот ва муайянкунӣ, барои занон гузаронидани машғулиятҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ. | ВМА | КДКЗО ВҲИША | Занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ касбу малакаи навро бо мақсади ҷавобгӯ будан ба талаботҳои бозори меҳнат ба даст меоваранд ё соҳиби кори шахсӣ мегарданд | - шумораи машғулиятҳои касбомӯзии ташкилгардида барои занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон<br><br>-шумораи занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон, ки баъди итмоми машғулиятҳо машғули кор мебошанд ё ба худ шугл пайдо кардаанд |
| 1.1.3. | Ба иҷора гирифтани заминҳои бекорхобида аз ҷониби занони хонаводаҳои муҳоҷирон | | Мақомотҳои маҳаллӣ | - | Занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ имконияти гузаронидани корҳои мустақилро дар соҳаи хоҷагии қишлоқ доранд. | -шумораи аризаҳои занони аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ барои бастани шартномаи иҷораи замин<br><br>- шумораи қарорҳои мусбии мақомотҳои маҳаллӣ барои пешниҳоди замин ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон |
| 1.1.3.a | | Дар худуди маҳаллҳо интихоб намудани қитъаҳои замини бекорхобида ва иҷораи бемамониати он аз тарафи занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ , омода кардани асосноккунӣ барои шартномаи иҷора | Мақомотҳои маҳаллӣ | - | қитъаҳои дастраси замин интихоб шуданд ва шартномаи иҷора бо занони аз хонаводахои муҳоҷирони меҳнатӣ омода шуд. | - шумораи қитъаҳои интихобшудаи дастрас барои шартномаи иҷора муайянкардашуда<br><br>-шумораи шартномаҳои басташудаи байни мақомотҳои маҳаллӣ ва занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ |
| 1.1.3.b | | Муқаррарнамоии расмиёти коркарди дархостхо ба иҷора додани қитъаи замин ва | Мақомотҳои маҳаллӣ | - | Ба расмиятдарории кушод ва шаффоф ва омилҳои пешниҳодсозии шартномаи иҷораи замин | - қарорҳои маъмурӣ ва/ё дигар санадҳои танзимкунандаи кабулгардида оиди замин, |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | меъёри баҳогузории дархостҳои занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ | | | ба занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ созмон дода шудааст<br><br>Занони таркшуда оиди тартиб ва меъёрҳои ба иҷора гирифтани замин маълумот доранд | тартиб ва меъёрҳои иҷораи он<br><br>- шумораи занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ки барои гирифтани замин ба иҷора ариза додаанд. |
| 1.1.3.c | | Муқарраркунӣ ва истифодаи шабакаҳои мухталифи алоқа тавассути намояндагони мақомотҳои маҳаллӣ ё гурӯҳҳои худтакмилдиҳӣ барои додани маълумот оиди заминхои корами ба ичора супоридашаванда ба занон аз хонаводахо имухочир | Мақомотҳои маҳаллӣ | ГММ<br><br>ГХР | Ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ оиди миқдори заминҳои ба иҷора додашаванда маълумоти кофӣ дода мешавад | -шумораи дархостҳо ба заминҳои ба иҷора гирифташаванда аз тарафи занони хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ<br><br>- шумораи қарорҳои мусбӣ оиди пешниҳоди замин ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон<br><br>-миқдори шартномаҳои иҷораи замин бо занони хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ басташуда |
| 1.1.3.d. | | Модули омӯзиши занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон оиди ташкил ва фаъолияти хоҷагии фермерӣ | ВХК | ГММ ва ГХР | Модули махсуси таҳияшуда ва тасдиқшудаи омӯзиш барои занон аз хонаводаҳои муҳоҷир оидли ташкил ва фаъолияти хоҷагии фермерӣ | -Модули тасдиқшуда барои занон аз хонаводаҳои муҳоҷир оиди ташкил ва фаъолияти хоҷагии фермерӣ |
| 1.1.3.e. | | Гузаронидани омӯзиш оиди фаъолияти хоҷагии фермерӣ барои занон аз хонаводаҳои муҳоҷире, ки ба онҳо қитъаҳои заминҳои хоҷагии қишлоқ ба иҷора дода шуданд. | ВХК | ГММ ва ГХР | Занон аз хонаводаҳои муҳоҷир барои бомуваффақият бурдани хоҷагии фермерӣ омодагии кофӣ доранд | - миқдори тренингҳои гузаронидашуда<br><br>-шумораи занон аз хонаводаҳои муҳоҷире, ки тренингҳоро гузаштанд |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1.1.4. | Дастгирии таъсиси Гурӯҳҳои худкӯмакрасони занон (ГХР) ки аз аъзоёни хонаводаи муҳоҷирон, кумитаи маҳалла, намояндагони воситаҳои ахбори умум, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ғ. иборатанд. | | Мақомотҳои маҳаллӣ | КДКЗО | - миқдори зиёди занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ хизматрасонӣ ва имкониятҳои аз ҷониби ГХР пешниҳодшударо истифода мебаранд | -шумораи ГХР-и ташкилкардашуда ва амалкунанда<br><br>- шумора ва шаклҳои хизматрасонии ГХР, ки аз ҷониби занон аз хонаводаҳои муҳоҷир истифода бурда мешаванд.<br><br>-шумораи занони аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ки аз хизматрасонӣ ва имкониятҳои Пешниҳод намудаи ГХР истифода бурдаанд<br><br>- шумораи ҳайати ГХР, ки аз ҳисоби занон аз хонаводаҳои муҳоҷир зиёд шудаанд |
| 1.1.5. | Таъмини дастгирии таъсиси воситаҳои хусусии (ғайридавлатии) хизматрасонӣ дар соҳаи нигоҳубини томактабии кӯдакон тавассути волидайн дар ҳолатҳое, ки дастрасӣ ба хизматрасонии муассисаҳои томактабӣ (боғчаҳои кӯдакон) дар маҳалли мазкур маҳдуд аст. | | Мақомотҳои маҳаллӣ | ВҲИША<br><br>КДКЗО | Имкониятҳои алтернативии хизматрасонии нигоҳубини томактабии кӯдакон ташкил карда шудаанд, то волидайн бо кор ё соҳибкорӣ машғул шуда тавонанд. | -шумораи муассисаҳои алтернативии томактабии ташкилшуда<br><br>-шумораи кӯдакон аз хонаводаҳои муҳоҷирон, ки ба муассисаҳои алтернативии томактабӣ мераванд |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Ҳадафи муайянкардашуда 1.2. Таъмини хизматрасонии ройгони ҳуқуқӣ, равонӣ, тиббӣ ва ҳифз аз зӯроварии аз рӯи мансубияти ҷинсӣ ба занони хонаводаҳои муҳоҷирон.** | | | | | |
| 1.2.1. | Бехтаргардонии дастрасии занон аз хонаводахои мухочир тавассути тахия ва кабули Конун дар бораи кумаки ройгони хукуки тибки меъёрхои байналхалки | | Парламенти ЧТ | ВА | Ташкили нуқтаҳои тамос ва хизматрасонии ҳуқуқии ройгон барои занон аз хонаводаҳои муҳоҷир дар сатҳи мақомотҳои маҳаллӣ вучуд дорад<br>Барои таъмини кумаки хукукии ройгон ба занони таркшуда аз хонаводахои мухочир замина вучуд дорад | -Лоихаи Конун дар бораи кумаки хукукии ройгон аз тарафи Парламенти ЧТ тахия ва кабул гардидааст |
| 1.2.2. | Коркард ва кабули лоихаи конун оиди маъалахои гендер (чун санадхои меъёри «Дар бораи хифз аз хушунат дар хонавода», Конун дар бораи ратификатсияи Протоколи факултативии дар доираи Конвенсияи бархамдихии хамаи намудхои хукукпоймолкуни нисбати занон кабулшуда, инчунин ба мувофика овардани хамаи санадхои меъёри тибки Конун “Дар бораи кафолати давлатии хукукхои баробари зану мард ва имкониятхои баробари татбики онхо» | | -Парламенти ЧТ<br>-Хукумати ЧТ | ВА<br>ВХИША<br>ХМ | Санадхои хукуки хифзи бехтари занон, азчумла занон аз хонаводахои мухочир дар самти таъмини баробарии гендери ва хукукхои занон таъмин менамоянд | -Лоихахои мутобик аз тарафи Парламенти ЧТ тахия ва кабул гардидаанд. |
| 1.2.3. | Таъмини ташкили нуктахои кӯмаки ройгони хукукӣ барои занон аз хонаводахои муҳоҷирони меҳнатӣ дар мақомотҳои маҳаллӣ. | | Мақомотҳои маҳаллӣ | ВА<br>Омбудсмен | - Ташкили нуктахои таъминоти кӯмаки ройгони хукукӣ ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон ба рох монда шудааст. | - шумораи нуктахои кӯмаки ройгони хукукӣ ба занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ташкилгардида.<br><br>- шумораи занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон, ки |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | барои гирифтани кӯмаки ройгони хукукӣ муроҷиат намуданд. |
| 1.2.4. | Ташкил намудани ҷаласаҳои мунтазами телефонии кӯмаки ройгони хукукӣ, ки аз ҷумла ба занон аз маҳаллҳои мухталиф ва деҳот имконияти дастрасӣ ба кӯмаки хукукиро фароҳам меоранд бо дархости занон аз хонаводахои мухочир ва дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои давлатӣ. | | Мақомотҳои маҳаллӣ | ВА Омбудсмен | Дастрасии кафолатноки кӯмаки ройгони хукукӣ тавассути ҷаласаҳои телефонӣ ба занон аз маҳаллҳо таъмин шудааст | - шумораҳои ҷаласаҳои телефонии гузаронидашуда.<br><br>-шумораи занони дар рафти ҷаласаҳои телефонӣ ба кӯмаки ройгони хукукӣ муроҷиаткарда |
| 1.2.5. | Дар хамкори бо макомотхои махаллии давлати пешниходи кӯмаки ройгони равони барои занон аз хонаводахои мухочир дар макомотхои махалли | | Мақомотҳои маҳаллӣ | ВТ<br>КДКЗО<br>ТГД, ки марказхои бухрони доранд | Ба занон аз хонаводахои мухочир кумаки ройгони равони пешниход мешавад | - шумораи макомотхои махаллие, ки дар он кумаки ройгони равони дастрас гардидааст<br><br>- шумораи занон аз хонаводахои муҳоҷирон, ки кӯмаки равонии ройгонро ниёз доранд |
| 1.2.6. | Бо дархост ва дар хамкори бо макомоти махали давлати гузаронидани чаласахои мунтазами сайёри кумаки ройгони равони, таъмини дастраси ба ин кумак ба занхо аз минтакахои гуногун | | Мақомотҳои маҳаллӣ | КДКЗО<br>ВТ<br>ТГД, ки марказхои бухрони доранд | Занон аз минтакахои гуногун бо кумаки ройгони равони тавассути чаласахои самёр таъминанд | -шумораи чаласахои сайёри гузаронидашуда<br>-шумораи занон аз хонаводахои мухочири мухточи кумаки равони |
| 1.2.7. | Дар хамкори бо муассисахои давлати ташкил намудани низоми кумакпулихои ичтимоии барои занони таркшуда аз хонаводахои мухочирон, ки имконияти гирифтани кумакпули оиди бекори ё дигар намуди | | Макомотхои махалли | ВҲИША<br>ВМ | Низоми муваккатии имтиёзхои ичтимоии барои занони таркшуда аз хонаводахои мухочир ташкил шудааст ва амал менамояд | -шумораи арзхо аз занони таркшуда аз хонаводахои мухочирон барои гирифтани кумакпулихои муваккатии ичтимоии<br>-шумораи занони таркшуда аз хонаводахои мухочир ки кумакпулиро гирифтанд |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | кумакпулиро надоранд | | | | | |
| 1.2.8. | Дар хамкори бо муассисахои давлати, корхонахои даавлати ва махалли ташкил додани низоми пардохтхои ба таъхир андохташудаи коммунали барои занони таркшуда аз хонаводахои мухочирон | | Макомотхои махалли ва ВА | ВМ | Низоми пардохтхои батаъхирандохташудаи коммунали барои занони таркшуда аз хонаводахои мухочирон ташкил ва амал менамояд. | -шумораи арзхо аз занони таркшуда барои ба таъхир андохтани пардохти коммунали<br>-шумораи карорхои мусби оиди батаъхирандохтани пардохти коммунали |
| 1.2.9. | Воридсозии кумакпулии махсуси харсолаи мактаби барои фарзандони занони таркшудаи мухочирони мехнати дар сатхи махалли барои хариди китобхои дарси ва ё либоси мактаб | | Макомотхои махалли | ВМ<br>ВМА | Фарзандони занони мухочирони мехнати бо китобхои дарсии лозима ва ё либоси мактаби таъмин шудаанд | -шумораи арзхо барои гирифтании кумакпули аз занони мухочирон<br>-шумораи карорхои мусби оиди пешниходи кумакпулии харсолаи мактаби барои фарзандони занони таркшудаи мухочирон |
| 1.2.10. | Дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои давлатӣ дар маҳалҳо таъсис додани марказҳои махсуси иҷтимоии ҳифзи занони ва фарзандони онҳо оидба:<br>• Ҳифз дар ҳолати зӯроварии хонаводагӣ;<br>• Ҷойгиркунии муваққатӣ<br>• Касбомӯзӣ дар махалли зист;<br>• Расонидани кӯмаки ройгони ҳуқуқӣ;<br>• Расонидани кӯмаки ройгони равонӣ;<br>• Расонидани кӯмаки ройгони тиббии асосӣ;<br>• Ҷалбнамоӣ ба машғулиятҳои ройгоноидбаогознамуда нисоҳибкорӣ. | | Мақомотҳои маҳаллӣ | ВМ<br>ВА<br>ВҲИША<br>ХМ | Занони аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба кӯмаки зарурӣ дар марказҳои махсуси иҷтимоии ҳифзи минтақавӣ дастрасии бештар доранд. | - шумораи занони хонаводаҳои муҳоҷирон, ки кӯмакро дар марказҳои махсуси иҷтимоӣ истифода карданд.<br>-шумораи машғулиятҳои омӯзишӣ барои занон аз хонаводаҳои муҳоҷир<br>- шумораи машваратҳои ҳуқуқӣ, равонӣ ва тиббӣ барои занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ<br>- шумораи заноне, ки бо тиҷорати инфиродӣ машғул гардиданд ё баъди кӯмаки марказ соҳиби кор гаштаанд |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1.2.11. | Хар сол Хукуматро оиди вазъи мухочирон, занон ва фарзандони онхо, мушкилот ва ниёзхои онхо хабардор намудан. | | Омбудсмен | Хукумати ЧТ | Хукумат оиди мушкилот ва ниёзхои баёншудаи аъзоёни оилаи мухочирон огох аст ва чорахоро меандешад. | - Маърузаи харсолаи Омбудсмен фаслхоро оиди вазъи мухочирон, занон ва фарзандон аз хонаводахои мухочирро дар бар мегирад<br><br>- Карорхои Хукумат оиди халли мушкилот/ниёзхои баёшшуда дар маърузаи харсолаи Омбудсмен зикргардида |

| | |
|---|---|
| | **ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГӢ 2: БАЛАНД БАРДОШТАНИ САТҲИ МАЪРИФАТ ВА МАЪЛУМОТ** |
| | **Ҳадафи муайянкардашуда 2.1. Ташкили маъракаҳои иттилоотӣ ва чорабиниҳои амалӣ байни занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ оиди хизматрасониҳои иҷтимоии дастрас ва дигар намуди кӯмакҳо.** |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2.1.1. | Нашри маълумотҳо оиди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъминоти иҷтимоӣ ва кӯмаки иҷтимоӣ, оила, меҳнат, ҳифз аз зӯроварӣ аз рӯи мансубияти ҷинсӣ, кӯмаки ҳуқуқӣ ва дигар кӯмакҳои барои занонит таркшуда муфид дар шакли «Суол ва чавоб» . | | ВҲИША | ХМ<br>ВА<br>КДКЗО<br>Мақомотҳои маҳаллӣ<br>ГММ<br>ГХР<br>ТГД дорои марказхои бухрони | Занони таркшудаи хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба маълумот оиди ҳуқуқҳои худ ва талаботҳои қонунгузории амалкунанда дастрасии бештар доранд. | -Маълумот оиди масъалахои мубрам ва чолиб ба занони таркшудаи мухочирон дар шакли кулай ба онхо дастрас аст<br><br>-шумораи маводҳои нашр ва паҳнкардашуда дар шакли буклетхои чопшуда ва ё файлхои электрони<br><br>- шумораи шабакаҳо барои паҳн кардани иттилоот, ба монанди муассисаҳои давлатӣ, мақомотҳои маҳаллӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, гурӯҳҳои мақсадноки маҳаллӣ, ГХР, воситаҳои ахбори умум ва ғ.<br><br>- шумораи нашрияҳои рақамӣ аз веб-сомонхои мутобик |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | гирифташуда<br><br>- пурсишҳои мунтазам, ки дар байни занони таркшудаи хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ гузаронида мешаванд ва нишон медиҳанд, ки занон чи тарз маълумотро оиди ҳуқуқҳои худ истифода мекунанд ва онро муфид мешуморанд. |
| 2.1.2. | Таъмини дастгирӣ ба таъсиси Гурӯҳҳои мақсадноки Маҳаллӣ дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон, азҷумла Марказҳои иттилоотӣ бо дастгирии ташкили марказхои пурраи хизматрасони, ки дар ончо занон аз хонаводахои мухочир ба иттилоот оиди хукукхои худ ва хизматрасонии дастрас (хукуки, равони-ичтимои) имконитяти пайдо намудани чои кор, инчунин оиди ибтикорхои давлати (масалан, карзхо) дастраси пайдо мекунанд. | | КДКЗО | Мақомотҳои маҳаллӣ | Зиёдшавии занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ба иттилоот оиди ҳуқуқ, ибтикорҳои амалкунандаи давлатӣ ва хизматрасонии дастраси ГММдар минтақаҳо дастрасии бештар доранд. | -шумораи занон аз хонаводахои мухочир, ки узви ГММ мебошанд.<br><br>-микдори хизматрасони аз ГММ рсасонидашуда ба занон аз хонаводахои мухочир зиёд шуданд<br>- доираи масъалахое, ки оиди он ГММ иттилоот дода метаовонад, васеъ гардид.<br><br>-шумораи занон аз хонаводаҳои муҳоҷирон, ки ба ГММ муроҷиат намуданд ва аз хизматрасонии он истифода бурдаанд.<br><br>-шумораи дархостҳои иттилоотӣ оиди ҳуқуқҳо, ки аз ҷониби занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ карда шудаанд |
| 2.1.3 | Дастгирии ГХР дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирон. | | Мақомотҳои маҳаллӣ | ХМ<br>КДКЗО | Зиёд намудани иттилооти муфид оиди ҳуқуқҳо ва талаботҳои қонунгузории мувофиқ барои занони таркшудаи хонаводаҳои | -шумораи мулоқотҳои маърифатии бо иштироки занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ баргузор шуда |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | муҳоҷирон | - шумораи занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, ки дар мулоқотҳои маърифатӣ иштирок карданд |
| 2.1.4. | Ҷалби пешвоёни динӣ барои дастурдиҳии занони таркшудаи хонаводаҳои муҳоҷир оиди ҳуқуқ ва таълими ҷомеаи маҳаллӣ. | | Мақомотҳои маҳаллӣ | ХМ<br>КДКЗО<br>ГММ<br>Дигар ташкилотҳои ғайридавлатӣ | Занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ барои маслиҳат оиди ҳуқуқҳои худ ба пешвоёни сохибэхтироми динии маҳалли худ дастрасии бевосита доранд.<br><br>Ба дигар аъзоёни ҷомеаи маҳаллӣ инчунин дар бораи ҳуқуқҳои занони таркшудаи хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва фарзандони онҳои маълумоти кофӣ расонида мешавад. | -пешвоёни динӣ барои аъзоёни ҷомеаи мазҳабӣ, алалхусус занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ роҳҳои маърифатнокӣ оиди ҳуқуқҳои занони таркшудаи хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ ва фарзандони онҳоро таъмин менамоянд, тавассути:<br>а) Ҷойгиркунии иттилооти асосӣ оиди ҳуқуқҳои занон дар нашрияҳои ҳармоҳаи иттилоотӣ, дар тахтаҳои иттилоотӣ, дар утоқҳои омӯзиши оиладорӣ;<br>б) Ташкили семинарҳои маърифатӣ вобаста ба ҳуқуқҳои занон ва кӯдакон дар масҷидҳо. |
| | **Ҳадафи муайянкардашудаи 2.2. Мустаҳкамнамуданииқтидори муассисаҳои давлатӣ, судҳо вамақомотҳоиҳифзиҳуқуқ дар самти ҳуқуқҳои занони таркшуда аз хонаводаҳои муҳоҷирон.** | | | | | |
| 2.2.1. | Ташкили омӯзиши кормандони муассисаҳои масъули давлатӣ (ба монанди зерсохторҳои мақомоти ноҳиявии иҷроия), мақомотҳои маҳаллӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти масъалахои гендер ва мухочират, алалхусус хукуки | | ДТИХД | Кумитаҳои ноҳиявии иҷроия<br>ВҲИША<br>КДКЗО<br>ВА<br>Мақомотҳои маҳаллӣ | Ҳокимияти давлатӣ иқтидори кофии татбики намудани қонунгузорӣ дар самти конунгузории гендери ва мухочират ҳуқуқҳои занон аз хонаводаҳои муҳоҷиронро дорад ва аз он пурра хабардор аст. | -шумораи машғулиятҳои гузаронидашуда<br><br>-шумораи ҳайатҳои муассисаҳои масъули давлатӣ, мақомотҳои маҳаллӣ, судва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, ки дар машгулиятҳо иштирок карданд. |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | занон аз хонаводахои мухочирон. | | | Муассисаҳои масъули давлатӣ Мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ Судҳо | | |
| 2.2.1.a | | Дохил кардани курси махсус оиди масъалахои гендер ва махсусан хуқуқҳои занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон ба модулҳои мутобиқи ДТИХД | ДТИХД | Кумитаҳои ноҳиявии иҷроия<br><br>ВҲИША ВА КДКЗО Мақомотҳои маҳаллӣ Муассисаҳои масъули давлатӣ Мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ Судҳо | Модулҳои тренинг дар ДТИХД курси махсус оиди масъалахои гендер ва махсусан масъалаи хукукхои занон аз хонаводахои мухочирро дар бар мегирад | Модулҳои дигаргуншуда дар ДТИХД тасдик шудааст |
| 2.2.1.b | | Гузаронидани омӯзиши шахсони вазифадори муассисаҳои давлатӣ, мақомотҳои маҳаллӣ, ҳифзи ҳуқуқ оиди масъалахоигендервамухочиратмахсусан ҳуқуқҳои занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон | ДТИХД | Кумитаҳои иҷроияи ноҳиявӣ ВҲИША КДКЗО Мақомотҳои маҳаллӣ Муассисаҳои масъули давлатӣ Мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ Судҳо | Шахсони вазифадори муассисаҳои давлатӣ, мақомотҳои давлатӣ, мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо оиди масъалахои гендер ва мухочират махсусан ҳуқуқҳои занон аз хонаводаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар Тоҷикистон маълумоти кофӣ доранд ва онро дар кори ҳамарӯза истифода мебаранд. | - андозаи машғулиятҳои таълимии гузаронидашуда<br><br>- ҳайати муассисаҳои масъули давлатӣ, мақомотҳои давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо, ки дар доираи таълим фаро гирифта шуданд Мукарраротлоихахои конунхои омодашуда, санадхои банакшагирии стратеги хусусияти масъалахои гендерро инъикос мекунанд ва вазъияти занонро аз хонаводахои мухочир ба назар мегиранд<br><br>-Маълумоти оморӣ оиди халли |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | парвандахо оиди кӯмакпулӣ барои нигоҳубини кӯдак (алимент), ки оиди онҳо қарорҳои мусбӣ қабул шудаанд<br><br>- шартҳои қарорҳо имаъмурӣ , ки истифодаи дурусти меъёрҳои қонунгузориро аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқро инъикос менамоянд<br><br>- шартҳои амсоли судӣ, ки дурустии истифодаи қонунгузориро аз ҷониби судҳо инъикос менамоянд. |